Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 04 июли соли 2006,
№289 тасдиқ шудааст

# БАРНОМАИ
# РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ДАР ДАВРАИ ТО СОЛИ 2015

## ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

**Мавқеи ҷойгиршавӣ** : Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Таъсис дода шудааст:** Соли 1925

**Масоҳат:** 64,2 ҳазор км. кв.

**Аҳолӣ - ҳамагӣ:** 220.2 ҳазор нафар
- **шаҳрӣ** 29.0 ҳазор нафар
- **деҳот** 191,2 ҳазор нафар

**Зичии аҳолӣ**: 3,4 нафар дар 1 км. кв**.**
**Маркази маъмурӣ**: ш. Хоруғ

**Сарҳад:** аз шимол – Ҷумҳурии Қирғизистон
аз шарқ – Ҷумҳурии Халқии Хитой
аз ҷанубу ғарб – Ҷумҳурии Афғонистон
**Иқлим**: континенталӣ
**Дарёҳо**: Амударё, Панҷ, Вахандарё, Гунт, Шоҳдара, Бартанг, Язғулом, Ванҷ, Хумбов

**Захираҳои табиӣ**: ангиштсанг, тилло, нуқра, сангҳои нодиру қиматбаҳо, оҳан, металлҳои ранга, тахтасанги мармарӣ, маводи сохтмон, асбест, керамзит, омехтаи сурбу симоб, бор ва ғайра.

Масофаи байни ш. Хоруғ - Душанбе - 527км.

Дар вилоят 7 ноҳияв, 1 шаҳр ва 43 ҷамоати деҳот мавҷуд аст.

Дар вилоят ___ корхонаи саноатӣ мавҷуд аст, ки дар балански мустақил қарор доранд.

Таносуби маҳсулоти онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатии ҷумҳурӣ дар соли 2005 ___ фоизро ташкил дод.

Дар соли 2005 дар вилоят истеҳсол карда шудааст:

Дар ҳамаи категорияи хоҷагиҳои вилоят дар соли 2005 истеҳсол карда шудааст:

Дар вилоят _____ адад муассисаҳои тиббӣ фаъолият мекунанд**.** Амбулатория ва дармонгоҳҳо (дар як басти қабул) аз 10 ҳазор нафар

аҳолӣ ба қабули _____ нафар бемор қудрат доранд. Ба аҳолии вилоят _____ ҳазор нафар табибони ҳамаи ихтисосҳо ва _____ ҳазор нафар кормандони ҳайати миёнаи тиббӣ хизмат мерасонанд.

Ба аҳолии вилоят _____ китобхонаи оммавию умумӣ, ______ клуб, ______ театр ва _____ осорхона хизмати фарҳангию маърифатӣ мерасонанд.

**Барномаи**
**рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015**

**Пешгуфтор**

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015 мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2004, №86 «Дар бораи Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 августи соли 2004 № 341 «Дар бораи тасдиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои супориш ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов, ки дар моҳи июли соли 2004 дар ҷараёни сафар ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, дар мулоқот бо фаъолони вилоятҳо ва ҳайати гурӯҳи корӣ баён дошта буд», тартиб дода шудааст.

Амалӣ гардидани Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ВМКБ дар давраи то соли 2015 бо гузаштани иқтисодиёт ба муносибатҳои бозаргонӣ, болоравии нақши минтақаҳо, ташкили минтақавии ислоҳот, истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ вобаста аст.

Рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят дар давраи то соли 2015 бо назардошти сол аз сол зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ мешавад ва дар зиёдшавии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ асос мегузорад.

Зиёдшавии қувваҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, дараҷаи зиндагии мардум боло равад ва сатҳи камбизоатӣ паст гардад.

Дар ин самт баҳри ҳарчи бештар ташкил намудани ҷойҳои кории нав дар соҳаҳои хоҷагии халқи вилояти дар Барнома пешбинигардида сол аз сол пастшавии сатҳи бекорӣ дар назар аст.

Баҳри ноил шудан ба ин мақсадҳо дар соҳаи саноати сабук ва истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ солҳои наздик ба истифодадиҳии иқтидорҳои нав ва барқарорсозии иқтидорҳои кӯҳна ба нақша гирифта шудааст. Ҷалби ҳарчи зиёди сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои дар боло гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби вилоят тамоми имкониятҳо истифода мегарданд.

Баҳри амалӣ сохтани Барнома ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ татбиқ намудани вазифаҳои зерини стратегӣ ба миён гузошта шудаанд:

- ташкили корхонаҳои саноатии нав, хусусан корхонаҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

- тараққиёти шаҳрҳо ва ҷалб намудани аҳолии деҳот ба шаҳр;
- баланд бардоштани сатҳи маънавӣ ва маълумотнокии аҳолӣ;
- ташкили инфраструктураи иқтисодӣ;
- рушди механизмҳои хоҷагии вилоят;
- тараққӣ додани соҳаҳои хизматрасонӣ;
- ривоҷи соҳаи туризм;
- таъмини хуби системаи фаъолияткунандаи ҳимояи ҳуқуқии бизнес.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015 бо дарназардошти мақсадҳо, ҳудудҳо ва самтҳои асосии рушди иқтисодиёти кишвар, ки Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Барномаи сармоягузории давлатӣ ва дигар барномаҳои соҳавӣ тасдиқ намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд, таҳия гардидааст ва баҳри амалӣ гардонидани сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои рушди мунтазами иқтисодии мамлакат равона шудааст, асоси паст гардидани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад, равона мешавад.

## 1. Захираҳои табиӣ ва шароит

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 2 январи соли 1925 ташкил шудааст. Маркази вилоят шаҳри Хоруғ мебошад. Дар шимол бо Ҷумҳурии Қирғизистон, дар шарқ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, дар ҷанубу ғарб бо Ҷумҳурии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Майдони умумии вилоят 64.2 ҳазор км. кв. ташкил намуда, аҳолии он дар январи соли 2005 - 217.9 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Вилоят аз 7 ноҳия ва 1 шаҳр мавҷуд аст: шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб, Рошткалъа, Рушон, Шуғнон.

Помир қаторкӯҳи азимест, ки аз ҷиҳати географӣ қариб ки дар маркази қитъаи Осиё ҷойгир шуда, аз шимол, ҷануб ва ғарби он кӯҳҳои баландтарини ҷаҳон: Тиёншон, Ҳиндукуш, Куэн-Лун, Қарақорум ва Ҳимолой тӯл кашидаанд. Баландии ин қуллаҳо дар бисёр ҷойҳо аз сатҳи бахр 6000-7000 метрро ташкил медиҳад. Аҳолӣ дар ин ҷойҳо дар баландии 3700-4200 метр аз сатҳи баҳр зиндагӣ мекунад.

Помирро метавон асосан ба 2 қисм тақсим кард: Помири Ғарбӣ ва Помири Шарқӣ.

Қариб ки тамоми ҳудуди **Помири Ғарбиро** қуллаҳои Олой (7134 метр), Ванҷ (5464 метр), Язғулом (6974 метр), Рушон (6000-6100 метр), Шуғнон (5704 метр), И. Сомонӣ (7495 метр) ишғол намудаанд. Қисми зиёди водии Помири Ғарбӣ – Бартанг, Рушон, Ишкошим ва ғайра дар баландии аз 2000 то 3000 метр ҷойгир аст.

**Помири Шарқӣ** бошад тамоман қиёфаи дигар дорад. Ҳудуди баландкӯҳ ва биёбони он аз пастхамиҳои ҷанубии Олой дар шимол, то соҳили дарёи Панҷ тӯл кашидааст. Ҳамвориҳои Помири Шарқӣ –

Аличур, Мурғоб, Рангкӯл ва ғайра дар баландии аз 3400 то 4200 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд.

Иқлими ин минтақа хеле гугогунранг мебошад. Мавсими тобистона дар ин ҷо дар як вақти муайян фаро намерасад. Агар дар водиҳои қисми ғарбии он дар мобайни моҳи апрел гармӣ фаро расад, дар шимолу шарқ – дар аввали май, дар шарқ бошад дар охири май фаро мерасад.

Дар водиҳои Рушон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим тобистон нисбатан салқинтар мебошад.

Иқлими Помири Шарқӣ баландкӯҳи биёбон ва ултроконтиненталӣ мебошад. Зимистонаш хунук ва дарозмуддат аст. Дар Помири ғарбӣ рӯзҳои хунуки зимистон 70 фоизи фасли зимистонро ташкил диҳад, дар Помири Шарқӣ бошад он 25-30 фоизро ташкил медиҳад.

Вилоят аз захираҳои табии хеле бой мебошад: ангиштсанг, тилло, нуқра, сангҳои нодиру қиматбаҳо, оҳан, металлҳои ранга, тахтасанги мармарӣ, маводи сохтмон, асбест, керамзит, омехтаи сурбу симоб ва ғайра.

Инчунин ВМКБ дар ҷаҳон вобаста ба мавҷуд будани категорияи махсуси ёдгориҳои табиӣ беҳамто мебошад. Қариб 100 ёдгориҳои табиат маълуманд, ки дар байни онҳо миқдори зиёди ёдгориҳои геморфологӣ, яхшиносӣ, обшиносӣ, геологӣ мебошанд. Бисёре аз онҳо метавонанд мақоми байналхалқӣ гиранд, яъне дар туризми байналхалқӣ истифода шаванд (ғорҳои Мататаш, Салаташ, Чирокташ, Шахт бо суратҳои рӯисангӣ, регҳои равони Пангбазел, кӯлҳоит Сарез, Яшилкӯл, Каракӯл, Рангкӯл, Шоркӯл, чашмаҳои гарми Гармчашма, Шоҳдара, Бахмир, Чилонди, Эллису, Иссиқбулоқ, харсангҳои зероиобии Сафедорон, Рангкӯл, Куртеке, Оқтош ва дигарҳо.

Ин ҷо зиёда аз 70 чашмаҳои минералӣ кашф шудаанд, ки дар байни онҳо 28-тоаш гарм мебошад. Обҳои радонӣ ва сероводородӣ, нӯшокӣ – гарм ва хунук, аз навъҳои нарзан то баржоми ва ессентукӣ ҷой доранд, ки хусусиятҳои физикию кимиёвии онҳо ба ҷисми инсон таъсири табобатии самаранок мерасонад.

Дар Помир 16 пиряхи дарозиаш зиёда аз 15 километр ва 7 пиряхи дарозиаш аз 20 километр зиёд ҷойгир шудааст. Аз ҳама калонтаринаш пиряхи ба номи Федченко бо дарозии 77 км, масоҳаташ 652 км.кв. мебошад. Пиряхҳои номбаршуда на танҳо барои рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон, балки барои ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ хусусияти калони иқтисодӣ доранд.

Хусусияти ба худ хоси иқлими баландкӯҳӣ хушк, хунук, тез-тез тағйирёбии ҳарорат, шамолҳои сахт ва дигар омилҳои физикию географӣ сабаби ба миён омадани минтақаҳои гуногуни набототу ҳайвонот гардидааст.

Дар минтақаи Помири Ғарбӣ ва поёноби дарёҳои водии Ғунд, Бартанг, Ванҷ буттаҳои саксаул, терескен (пӯш), тахач (явшон, дармана), рябинаи ёбоӣ паҳн шудааст. Дар соҳили дарёҳо чакалакзорҳои тӯс, бедзор, сафедор, тут ва дигарҳо растаниҳо мерӯянд. Дар водии Дарвоз

бошад анҷир, анор, хурмо, олуболу, олу мерӯяд. Помири Шарқӣ аз ҳама минтақаи камбағлатарини набодот ба ҳисоб меравад.

Ба ин нигоҳ накарда Помир минтақаест, ки аз ҷиҳати растаниҳои доруворӣ ниҳоят бой мебошад. Дар шароити имрӯза растаниҳои доруворӣи Помир ниҳоят кам истифода мешаванд. Аз рӯи фарзияи мутахассисон дар ин ҷо зиёда аз 70 намуди растаниҳои доруворӣ ва гиёҳҳои шифобахш мавҷуд аст.

Шароити табии географии минтақаҳои вилоят вобаста ба хусусиятҳои хоси худ аз якдигар фарқ мекунанд. Вобаста ба ин хусусияти худ олами ҳайвоноти минтақаҳо низ рангоранг мебошад. Олами ҳайвоноти Помир хеле ғанӣ буда, дар шароити имрӯза бошад вобаста ба дигаршавии шароити муҳит хароб гардидааст. Дар ин ҷо хирс, барс, рӯбоҳ, муши обӣ, гург, гӯсфанди кӯҳӣ (архар), куик, харгӯш, суғурро вохӯрдан мумкин аст. Аз парандагон кабк, индуки кӯҳӣ паҳн гардидааст. Дар дарёву кӯлҳо бошад моҳиҳои маринка, фрамуля, форел, сазан, пешонапаҳм ва дигар намудҳои моҳӣ, ки моҳияти истеҳсолӣ доранд, мавҷуданд. Аз ин ҷиҳат дар оянда тараққӣ додани соҳаи истеҳсоли моҳипарварӣ хеле муфид аст.

## II. Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии вилоят

Ба вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон суръати баланди афзоиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ чун дигар вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хос нестанд. Дар охири соли 2005 шумораи доимии аҳолӣ 220.2 ҳазор нафар ё 3.2 фоизи тамоми аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар ин маврид 29.0 ҳазор нафар ё 13.2 фоиз дар шаҳр ва 191.2 ҳазор нафар ё 86.8 фоиз дар деҳот зиндагӣ доранд.

Шумораи аҳолии доимии ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон
(дар охири сол ҳазор нафар)

| | соли 1991 | соли 1996 | соли 2001 | соли 2004 | соли 2005 | Суръати афзоиши миёнаи солона | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1991-1996 | 1996-2001 | 2001-2005 | 1991-2005 |
| Ҳамагӣ аҳолӣ | 172,0 | 195,1 | 210,7 | 217,9 | 220,2 | | | | |
| Аҳолии шаҳр | 21,5 | 25,2 | 28,0 | 28,7 | 29,0 | | | | |
| Аҳолии деҳот | 150,5 | 169,9 | 182,7 | 189,2 | 191,2 | | | | |

Дар давоми солҳои 1989-2003 аҳолии вилоят ба 54.9 ҳазор нафар ё 34.1 фоиз зиёд шуд. Дар ин асно зиёдшавии аҳолии шаҳр 42 фоиз, деҳот 33 фоизро ташкил дод. Суръати ками афзоиши аҳолиии вилоят дар давоми чор соли баъди ба рӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2000 ҷой дорад.

Афзоиши нисбатан ками аҳолии вилоят назар ба ҷумҳурӣ ба сатҳи ками таваллуд ва вобастагии манфии муҳоҷират аз вилоят маънидод карда мешавад. Дар соли 2003 коэффисиенти умумии таваллуд (ба ҳисоби 1000 нафар аҳолӣ) 20 фоизро ташкил дод.

Дар вилоят ҳоло муҳоҷирати зиёд давом дорад. Дар давоми паанҷ соли охир (соли 2000-2004) шумораи аз вилоят рафтагиҳо 4.6 ҳазор нафар, дар муқоиса бо 1.6 ҳазор нафари ба вилоят омадагӣ, ташкил дод. Ба ҳисоби миёна, дар давоми ин солҳо ба ҳар 1000 нафари ба вилоят омада, шумораи берун аз вилоят рафта 2817 нафарро ташкил дод.

Дар натиҷаи таваллуди зиёди солҳои пешин дар сохтори аҳолии ВМКБ ҷиҳати синну сол вазни қиёсии кӯдакон ва наврасони то синни 15 зиёд аст (37,1 фоиз). Нисбатан ҳиссаи камро аҳолии синни қобили меҳнат ташкил медиҳад (55,1 фоиз) ва ниҳоят ҳиссаи камро одамони синни нафақа (7,7 фоиз) ташкил медиҳанд.

Дар сурати нигоҳ доштани суръати афзоиши аҳолӣ, ки барои ВМКБ солҳои 1989-2004 хос буданд, барои давраи то соли 2015 шумораи аҳолии доимӣ ба аввали соли 2006 - 224.5 ҳазор нафар, аввали соли 2011 – 247.9 ҳазор нафар, аввали соли 2016 – 273.7 ҳазор нафарро ташкил намуда, назар ба соли 2004 – 57,9 ҳазор, ё 26.8 фоиз зиёд мегардад. Агар оидиояндабинии шумораи аҳолии вилоят суръати пасттари афзоиши солҳои 2000-2004 ба асос гирифта шавад, дар назар аст, ки шумораи аҳолии вилоят ба 01.01.2006 – 220.7 ҳазор нафар, ба 01.01.2011 – 233.7 ҳазор нафар, ва ба 01.01.2016 – 247,4 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Дар ин ҳолат афзоиши шумораи аҳолии вилоят дар давоми солҳои 2004-2016 - 31.6 ҳазор нафар, ё 14.6 фоизро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар аввали соли 2006 – 121.6 ҳазор нафар, 2011 – 128.7 ҳазор ва аввали соли 2016 – 136.3 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

## Ш. Вазъи имрӯза ва рушди минбаъдаи соҳаҳои иқтисодиёт

### 3.1. Саноат

#### Комплекси сӯзишворию энергетикӣ

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикии (минбаъд КСЭ) вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то давраи соли 2015 чӣ бо намуди аслӣ ва чӣ бо намуди арзишӣ бо назардошти индекси суръати афзоиши нархҳои яклухт, инчунин бо тағъирёбии нархҳои фурӯши нерӯи барқ, пешбинӣ шудааст.

Тибқи нархҳои пешбинишуда барои ҳар сол, ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои КСЭ-ии вилоят аз нигоҳи арзиш дар солҳои 2010 ва 2015 мутаносибан 9357,7 ва 19264,5 ҳазор сомониро ташкил хоҳад дод. Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои КСЭ дар соли 2010 нисбат ба соли 2005 – 2,7 маротиба; соли 2015 нисбат ба соли 2010 – 2,0 маротиба ва соли 2015 нисбат ба соли 2000 – 22,4 маротиба зиёд мешавад. Бо нархҳои соли 2000 бошад ин нишондиҳандаҳо мутаносибан 125,5 фоиз, 136,0 фоиз ва 187,6 фоизро ташкил хоҳад дод.

#### Соҳаи электроэнергетика

Барномаи рушди соҳаи электроэнергетикаи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар асоси таҳлилҳои Кумитаи иқтисод ва

муносибатҳои иқтисодии берунаи вилояти Бадахшон бо назардошти вазъи ҳозираи техникӣ ва азнавбарқарорсозии иқтидорҳои онҳо, инчунин ба истифода додани иқтидорҳои нави энергетикӣ асоснок шудааст.

Мутахасисиони соҳаи энергетика муайян кардаанд, ки дар ҳудуди вилоят зиёда аз 150 нерӯгоҳҳои обию барқиро бо тавоноии ҳархела сохтан мумкин аст, ки имконияти дар як сол истеҳсол намудани 70 млрд. кВт.соат қувваи барқро дорад.

Бояд қайд намуд, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади рушд додани соҳаи энергетика ва пурра таъмин намудани аҳолии вилоят бо нерӯи барқ Шартномаи Консессионӣ бо ширкати энергетикии «Помир-энержи» ба мӯҳлати 25 сол ба имзо расонида шудааст. Мутобиқи ин шартнома маблағгузорӣ ба воситаи ҷалби сармояи хусусӣ, тармиму таҷдид ва сохтмони нави иншоотҳои энергетикӣ пешбинӣ шудааст.

Дар давраи пешбинишуда ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ дар соли 2010 ба 188,7 млн. кВт. соат ва дар соли 2015 ба 256,7 млн. кВт. соат расонида мешавад, ки суръати афзоиш дар соли 2010 нисбат ба соли 2005 - 125,5 фоиз; дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 - 136,0 фоиз ва соли 2015 нисбат ба соли 2000 - 187,6 фоизро ташкил медиҳад. Зиёдшавии истеҳсоли қувваи барқ асосан аз ҳисоби пурра ба истифода додани НОБ-и «Помир-1 (4-агрегат) ва сохтмони як қатор нерӯгоҳҳои хурди барқӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, дар соли 2010 сохтмони НОБ-ҳои Чартем, Андарстез, Пастхуф-1, Паткуноб, Ширг, инчунин дар соли 2015 сохтмони НОБ-ҳои Себзор, Сорж, Санобод, Бартанг, Пастхуф-2, Язғулом (силсилавӣ), Курговад пешбинӣ шудааст. Дар суръати ба пуррагӣ анҷом додани корҳои ба нақша гирифташуда аҳолии вилоят пурра аз қувваи барқ таъмин гардида, имконияти содирот намудани қувваи барқи изофа ба давлатҳои ҳамсояи Афғонистону Покистон пайдо мегардад.

**Саноати ангишт**

Вазъияти бавуҷудомада дар сектори энергетика дар шароити норасоии захирахои ашъёи хоми карбогидридӣ (алалхусус гази табиӣ, нафт), инчунин норасоии нерӯи барқ, қатъиян ҳалли масъалаи рушди соҳаи ангишт ва зудтар афзоиш додани истихроҷи ангиштро дар вилоят дар солҳои наздик талаб менамояд.

Дар давраи пешбинишуда гузаронидани корҳои кашшофии пешакӣ ва дар асоси маълумотҳои дастрасшуда муайян намудани мавқеъи ҷойгиршавии конҳои ояндадори ангишт дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешбинӣ шудааст.

Дар айни замон дар минтақаи вилоят корҳои таъминкунии аҳолӣ ва корхонаҳо бо ангишти истеҳсоли худӣ бурда намешавад.

Ҳол он ки вилоят бо захираҳои сӯзишвории худӣ, ба монанди конҳо ва зуҳуротҳои ангишт, ки коркарди онҳо масъалаи таъминоти аҳолӣ ва хоҷагии халқи вилоятро бо сӯзишвории ангишти маҳаллӣ ҳал карда

метавонад. Аз ҷумла, кони Равноу, ки захираҳои пешбинишудаи он 69,0 млн. тоннаро ташкил медиҳад.

Бо мақсади дар оянда рушд додани соҳаи истихроҷи ангишт, инчунин гузаронидани корхои ҷустуҷӯию кашшофӣ ва истихроҷ дар вилоят корхонаи муштараки Ветнаму Тоҷикистон «ВТИ-Помир» таъсис дода шудааст.

Дар айни замон кони Равноу аз ҷиҳати захира ва сифат яке аз мавзеъҳоиояндадори вилояти Бадахшон ба ҳисоб рафта, метавонад пурра талаботи аҳолӣ ва корхонаҳои вилоятро бо ангишти баландсифат таъмин намояд. Инчунин дар вилоят якчанд конҳоиояндадори ангишт аз қабили Куртеке, Кизилтуқой ва Бунай ошкор гардидааст.

Соли 2004 лоиҳаи гузаронидани корҳои тематикӣ оиди мавзӯи «Таҳия намудани коркарди технологии кони ангишти Куртеке барои истифодарии он ба сифати ашёи энергетикӣ» тайёр карда шуд. Барои амалӣ намудани он дар соли 2006 - 65 ҳазор сомонӣ ҷудо намудан зарур аст, ки натиҷаи мусбии он метавонад масъалаи таъминоти ноҳияҳои марказӣ ва шарқии вилоятро бо ангишт ҳал намояд.

Инчунин ба кони ангишти Куртеке конҳои Шахте Сай-1, Шахте Сай-2 ва Учкур-Ҷангӣ-Давон пайвастагӣ доранд, ки гузаронидани корҳои геологию кашшофиро талаб мекунад.

Бо назардошти азхудкунии конҳои нави ангишт ва зиёд намудани иқтидорҳои истеҳсолии КМММ «ВТИ-Помир» аз нигоҳи арзиш ва бо афзоиши индекси нархҳои яклухт ба маҳсулоти саноатӣ дар давраи то соли 2015, ҳаҷми истихроҷи ангишт дар соли 2010 – 3500,0 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2015 – 8600,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Суръати афзоиш дар ин давра дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 – 2,4 маротиба мебошад.

Дар намуди аслӣ бошад, истихроҷи ангишт дар соли 2010 ба 12500 тонна ва дар соли 2015 то 22200 тонна афзоиш меёбад. Суръати афзоиш дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 – 177,6 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми истихроҷи ангишти пешбинишуда бо назардошти дастгирии молиявии давлатӣ барои устуворкунии нарх то соли 2007; ҷалб намудани маблағгузории давлатӣ ва зиёд намудани маблағҳои хусусӣ, барои тармиму таҷдиди кон ва дастрас намудани таҷҳизотҳои кӯҳкорӣ, инчунин гузаронидани ҳаҷми зарурии корҳои геологию кашшофӣ амалӣ мегарданд.

**Соҳаҳои саноати коркарди маъдан ва металлургияи ранга, мошинасозӣ, коркарди филиз, электронӣ ва электротехникӣ, кимиё, саноати сабук, шиша ва чинибарорӣ, коркарди чӯбу тахта, полиграфӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва индустрияи сохтмонӣ ва истеҳсоли пилла**

Барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии соҳаҳои саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металлургияи ранга, сабук ва маҳаллӣ, истеҳсоли шиша, масолеҳи сохтмон ва индустрияи сохтмонӣ, инчунин полиграфии ВМКБ дар асоси таклифу пешниҳодҳои вазорату идораҳои ҷумҳуриявии шуғли саноатӣ дошта, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии

ВМКБ, нишондиҳандаҳои Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 ва натиҷаҳои иҷрои дурнамои аниқкардашудаи тараққиёти соҳаҳои саноатии вилоят дар соли 2005 ва бо дарназардошти он, ки то соли 2009 сохта ба истифода додани навбати аввали НОБ-и «Роғун» ва хати баландшиддати интиқоли барқи 500-750 кВт «Роғун-Пешовар» ба анҷом мерасад ва масъалаи бо қувваи барқ таъмин намудани эҳтиёҷоти хоҷагии халқи вилоят пурра ҳалли худро меёбад, таҳия карда шудааст ва дар он ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2006-2015 ҳам аз нигоҳи арзишӣ ва ҳам аз нигоҳи аслӣ муайян карда шудаанд.

Дар вилоят бо ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин қарзҳои бонкӣ сохта ба истифода додани корхонаҳои коркарди маъданҳои кӯҳӣ, саноати сабук ва маҳаллӣ, истеҳсоли шиша, мунтазам амалӣ намудани корҳо доир ба тармиму таҷдиди корхонаҳои амалкунандаи саноати коркарди сангҳои қимматбаҳо ва ороишӣ, сабук ва маҳаллӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва индустрияи сохтмонӣ, зиёд намудани корҳои ҷустуҷӯию геологӣ ва захираҳои ашёи хоми минералӣ, беҳтар намудани таъминоти корхонаҳо бо ашёи хом ва масолеҳ, инчунин омӯзиши талаботи бозори дохилӣ ва берунмарзии кишвар ба маҳсулоти корхонаҳои саноатии вилоят, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навъҳои нави рақобатпазири маҳсулот ва баланд бардоштани сатҳи техникӣ ва сифати маҳсулоти тайёри корхонаҳо имконият медиҳанд, ки корхонаҳои соҳаҳои саноати дар боло зикргашта иҷрои нишондиҳандаҳои барномаи мазкурро таъмин намоянд.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли саноатӣ дар соҳаҳои саноати истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металлургияи ранга, сабук ва маҳаллӣ, истеҳсоли шиша, масолеҳи сохтмонӣ ва индустрияи сохтмонӣ, инчунин полиграфӣ, дар соли 2015 бо назардошти болоравии индекси нархҳои яклухт 109146,0 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2005 мутаносибан 109060,7 ҳазор сомонӣ, ё ин ки 1279,6 маротиба афзоиш меёбад. Зиёд гаштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот имконият медиҳад, ки дар соҳаҳои саноати вилоят ба таври илова аз ҳисоби сохта ба истифода додани корхонаҳои нав ва тармиму таҷдиди корхонаҳои амалкунанда 3700 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки тибқи маълумотҳои Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои дар Барнома пешбинишуда амалӣ намудани корҳои ҷустуҷӯию кашофии геологиро дар 13 конҳои сангҳо ва металлҳои ранга, ороишӣ ва қимматбаҳои ВМКБ ва ба ин мақсад азхуд намудани 25545 ҳазор сомонӣ, аз он ҷумла 1563 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷетиро пешбинӣ менамояд. Ин имконият медиҳад, ки захираҳои ашёи минералӣ дар ин конҳо то ба 268353 ҳазор сомонӣ расонида, дар заминаи онҳо корхонаҳои саноатӣ бунёд ва ба истифода дода шаванд.

Бо мақсади дар вилоят зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар заминаи конҳои тиллои пошхӯрдаи Сари оби мавзеи Сағирдашти ноҳияи Дарвоз, Рангкӯл ва Оқ-ҷилгаи ноҳияи Мурғоб сохта ба истифода додани корхонаҳои заршӯӣ ва истеҳсоли нуқра, инчунин бо

истифода аз захираҳои кони Бачув (Икар) ва ҷалби сармояи хориҷӣ дар ноҳияи Рушон созмон додани корхонаи коркарди маъдани тиллодор пешбинӣ карда мешавад.

Амалӣ намудани ин тадбирҳо имконият медиҳад, ки истеҳсоли тилло ва нуқра дар вилоят дар соли 2015 то ба 400 ва 2500 кг расонида, 770 нафар бошандагони ноҳияҳои Дарвоз, Мурғоб ва Рушон бо кори доимӣ ва музди меҳнат таъмин карда шаванд.

Бо мақсади беҳтар намудани истифодабарии боигариҳои табиии вилоят ва зиёд намудани иқтидори содиротии он дар Барнома бо истифода аз қарзҳои имтиёзноки Бонкҳои тиҷоратии хизматрасонии Тоҷикистон, институтҳои молиявии байналмиллалӣ ва инвеститсияҳои ватаниву хориҷӣ тармиму таҷдиди корхонаи Помири шимолӣ коркарди сангҳои ороишии «Хрустал» ва барқароркунии модули № 2–и корхонаи мазкур дар ноҳияи Ванҷ, сохта ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли молҳои ниёзи мардум аз сангҳои ранга ва ороишӣ дар заминаи конҳои «Кеврон» ва «Дуробак» дар ноҳияи Дарвоз, корхонаи коркарди сангҳои ранга ва қимматбаҳо дар заминаи кони «Куҳи лаъл» дар ноҳияи Ишкошим, тармиму таҷдиди корхонаи коркарди сангҳои қимматбаҳо ва ороишии «Лаъл» дар шаҳраки Поршневи ноҳияи Шуғнон ва бо ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ сохта ба истифода додани корхонаҳои заргарии ҳозиразамон дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Дарвоз, дар назар дошта шудааст. Дар корхонаҳои навтаъсис ва мавриди таҷдиду барқарорсозӣ қарордодашуда 1030 ҷойҳои нави корӣ барои бошандагони вилоят ташкил карда мешаванд.

Сохта мавриди истифодабарӣ қарор додани корхонаҳои дар Барнома пешбинишуда ва таъмин намудани фаъолияти самараноки онҳо барои ба таври саноатӣ азхудкунии боигариҳои табиии ВМКБ таҳкурсии боътимод гузошта, аз ҷиҳати иқтисодӣ барои сармоягузорӣ диққатҷалбкунанда ва самаранок будани маблағгузории дар вилоят сохта ба истифода додани корхонаҳои хурду калони соҳаҳои мухталифи саноат ва хусусан корхонаҳои коркарди маъданҳои кӯҳи, инчунин дар амал татбиқ гашта истодани гуфтаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов доир ба он, ки «Асри ХХ асри ВМКБ мебошад» баръало шаҳодад медиҳанд.

Амалӣ намудани чорабиниҳои дар Барнома пешбинишуда имконият фароҳам меоранд, ки то соли 2015 дар корхонаҳои соҳа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 60701 ҳазор сомонӣ расонида шавад ва дар онҳо аз ҳисоби ба кор даровардани иқтидорҳои истеҳсолии нав, беҳтар намудани истифодабарии иқтидорҳо дар корхонаҳои амалкунанда дар маҷмӯъ 1800 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шавад.

То соли 2004 дар вилоят як корхонаи дӯзандагии саноати сабук ҶСШК «Ҳайёт» дар шаҳри Хоруғ ва филиали дар шаҳраки Поршневи ноҳияи Шуғнон будаи он фаъолият мекарданд. Баъд аз хусусигардонӣ ҶСШК «Ҳайёт» дар шаҳри Хоруғ фаъолияти истеҳсолии худро қатъ намуд ва дар он офиси кории Фонди Оғохон ҷойгир карда шудааст ва коркунони фабрика бекор монданд.

Филиали дар шаҳраки Поршневи ноҳияи Шуғнон будаи он ҳоло дар баробари маҳсулоти дӯзандагӣ истеҳсоли ҷӯробҳои пашмиро ба роҳ монда, занони хонашини ноҳияро ба кор таъмин карда истодааст.

Бо мақсади пурра истифода бурдани ашёи хоми дар ҳудуди вилоят истеҳсолшаванда ва бо кори доимӣ таъмин кардани бошандагони он дар Барнома сохта ба истифода додани фабрикаи нави дӯзандагӣ барои бо кори доимӣ таъмин кардани 300 нафар коргарон, фабрикаҳои коркарди аввалия бо иқтидори то 500 тонна пашм ва истеҳсоли 250 тонна ресмони пашмӣ, коркарди аввалияи 15 ҳазор дона пӯсти чорво ва истеҳсоли 700 ҳазор $дм^2$ чарм дар як сол дар шаҳри Хоруғ, коркарди аввалияи 100 тонна пашм ва истеҳсоли 45 тонна пашми шусташуда дар ноҳияи Дарвоз, ташкил намудани фабрикаҳои меҳнати хонагӣ дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рушон, Шуғнон, Рошткалъа, Ишкошим, Мурғоб ва шаҳри Хоруғ ва дар онҳо ба кори доими таъмин намудани 1250 нафар бошандагони шаҳру ноҳияҳои номбурда, аз он ҷумла 860 нафар занони хонашин пешбинӣ гардидааст.

Фабрикаҳои меҳнати хонагӣ ба истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ, кашбофии дастӣ ба монанди ҷӯробҳои пашмӣ, намад ва ҷакманҳо, қолинҳо ва маснуоти қолинии бо даст ва мошинолотҳои дастӣ бофташуда, истеҳсоли пойафзоли чармӣ аз маҳсулотҳои тайёри фабрикаҳои коркарди аввалия ва истеҳсоли ресмонҳои пашмӣ, коркарди аввалияи пӯсти чорво ва истеҳсоли чарм дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Дарвоз, ки сохта ба истифода додани онҳо дар Барномаи мазкур пешбинӣ карда шудаанд, истеҳсол намуданро пешбинӣ менамояд.

Амалӣ намудани чорабиниҳои дар Барнома пешбинишуда имконият медиҳанд, ки дар вилоят то соли 2015 истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ нисбат ба соли 2005 29,7 маротиба, ҷӯробҳои пашмӣ 77,8 маротиба афзоиш ёбад ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти саноати сабук, аз он ҷумла пашми шусташуда, калобаҳои пашмӣ, қолинҳо ва маҳсулоти қолинии дастбоф, коркарди пӯсти чорво ва номгӯи васеи маҳсулоти тайёрро аз онҳо ба роҳ монда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои соҳа дар соли 2015 ба маблағи 10578 ҳазор сомонӣ пешбинӣ карда шавад.

Таъмин намудани рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии корхонаҳои номбурда тақозои онро менамояд, ки роҳбарон ва муттахассисони корхонаҳо, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, шаҳру ноҳияҳои он аз ҳозир ба омӯзиши конюктураи бозори дохилӣ ва мамлакатҳои ҳамсоя диққати ҷиддӣ дода, истеҳсоли маҳсулоти тайёрро дар онҳо мувофиқи талаботи бозори истеъмолӣ ба роҳ монанд.

Тараққиёти бо суръати соҳаҳои хоҷагии халқи ВМКБ ба рушди сохтмони асосӣ ва маблағгузории он аз буҷети давлатӣ зич вобастагӣ дорад. Гарчанде Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буҷети давлатӣ ба ин мақсад маблағҳои зарурӣро пешбинӣ карда истода бошад ҳам, бинобар аз марказҳои саноатии кишвар дар масофаи дур ҷойгир будани объектҳои дар вилоят сохташаванда аз нисф зиёди маблағҳо барои кашондани масолеҳи сохтмонӣ сарф карда мешаванд, ки ин ба баланд

гаштани арзиши аслии онҳо ва паст рафтани самаранокии истифодабарии маблағҳои мутамарказ мусоидат карда истодааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар вилоят ягона корхонаи истеҳсолкунандаи масолеҳи сохтмонӣ Корхонаи хурди «Бетон»-и шаҳри Хоруғ ба шумор меравад ва он бинобар нарасидани маблағҳои гардони худӣ қобилияти харидории ашёи хомро надорад ва фаъолият намекунад.

Ҳалли масъалаи таъмини рушди сохтмони асосӣ ва дар вилоят баланд бардоштани самаранокии истифодабарии маблағҳое, ки ба ин мақсад равона карда мешаванд дар навбати аввал сохта ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли шиша, хишти пухта ва сементбарорӣ ва дигар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ тармиму таҷдид ва зиёд кардани иқтидорҳои истеҳсолии Корхонаи хурди «Бетон»-и шаҳри Хоруғро тақозо менамояд. Ба ин мақсад дар Барнома бо истифода аз инвеститсияҳои хориҷӣ дар заминаи конҳои ашёи хоми дар ноҳияи Ванҷ мавҷуд буда, ки захираи онҳо муайян карда шудаанд сохта ба истифода додани корхонаҳои номбурда пешбинӣ карда шудаанд.

Сохта ба истифода додани объектҳои дар Барнома пешбинишуда имконият медиҳад, ки дар вилоят то соли 2015 истеҳсоли масолеҳи деворӣ то ба 10,0 млн. хишти шартӣ, семент то ба 50 ҳазор тонна, маҷмӯи оҳану бетон то 1,5 ҳазор м$^2$ истеҳсоли зарфҳои шишагӣ то ба 75 млн. қуттии шартӣ ва ҳаҷми истеҳсоли молҳои саноатӣ дар онҳо ба 37750 ҳазор сомонӣ расонида шавад. Корхонаҳои дар Барнома пешбинишуда асосан бо истифода аз масолеҳи сохтмонии дар корхонаҳои вилоят истеҳсолшуда сохта ба истифода дода шаванд, барои бошандагони шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ванҷ имконият пайдо мешавад, ки 470 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шавад. Арзиши аслии онҳо кам ва самаранокии истифодабарии маблағҳои барои рушди сохтмони асосӣ равона кардашуда баланд бардошта шавад.

Дар хоҷагиҳои ноҳияҳои Дарвоз ва Ванҷи ВМКБ гарчанде барои парвариши кирмак шароити мусоид мавҷуд бошад, ҳам то соли 2005 истеҳсоли пилла ба нақша гирифта нашуда буд. Бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло зикршуда то соли 2015 дар вилоят истеҳсоли пилла то ба 45 тонна, аз он ҷумла дар ноҳияи Дарвоз ба 25 ва ноҳияи Ванҷ ба 20 тонна расонида мешавад. Базаи хӯроки кирмак имконият медиҳад, ки иҷрои нақшаи пешбинишуда таъмин карда шавад.

### 3.2. Рушди корҳои ҷустуҷӯи геологӣ ва топографияю геодезӣ

Мақсади асосии Барномаи рушди корҳои ҷустуҷӯи геологӣ дар вилояти Бадахшон рушди соҳаи саноати коркарди маъдани кӯҳӣ ва таъминоти зиёди захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ мебошад, ки барои рушди устувори тамоми соҳаҳои ҷумҳурӣ равона карда шудааст.

Дар ин замина корҳо ҷиҳати ташкил намудани базаи соҳаи саноати коркарди маъдани кӯҳӣ дар вилоят амалӣ шуда истодааст, ки аллакай натиҷаи дилхоҳ додааст.

Дар минтақаи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони дар айни замон 12-кон, 54-зуҳуроти маъдан бо 24 намуди канданиҳои фоиданок, аз ҷумла конҳои ангишт, зуҳуроти ояндадорӣ оҳан, марганец, мед, тилло, қалъагӣ, волфрам, ашёи гилхоки алюминийдор, инчунин хок барои истеҳсоли хишт, семент, зуҳуроти ояндадорӣ нуқра ва кони калонтарини ашёи боросиликат, намак, молибден, висмут, асбест, ашё барои истеҳсоли оҳаксанг ва хоки омехтаи регу қум ошкор ва кашшоф шудаанд.

Бояд қайд кард, ки бо ҷалб намудани сармоягузорони хориҷӣ имконияти кашшофии дигар намудҳои канданиҳои фоиданок пайдо мешавад. Вазифаи асосӣ барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар давраи баррасишаванда, ин ба роҳ мондани омӯзиши конҳои мавҷудбудаи маъдан, барои қонеъ намудани талаботи корхонаҳои мавҷудбудаи коркарди маъдани кӯҳӣ ва дар ояндаи наздик тайёр намудани майдонҳо барои ташкили мавқеъҳои нави канданиҳои фоиданок, азхудкунии мавзеъҳои нави конҳо ва дар ин замина таъсис додани корхонаҳои саноатии истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ иборат аст.

Мувофиқи Барномаи рушди соҳаи геологияи вилоят, дар асоси таҳлили маводҳои пешниҳоднамудани Саридораи «Геологияи Тоҷик», Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷаи давлатӣ барои корҳои ҷустуҷӯию геологӣ дар давраи солҳои 2006-2015 ҷудо намудани 5169,0 ҳазор сомонӣ ба назар гирифта шудааст. Аз ҷумла 21,4 фоиз ё 1108,0 ҳазор сомонӣ ба корҳои геологию кашшофӣ дар объектҳои «Геологияи Тоҷик», 31,9 фоиз ё 1650,0 ҳазор сомонӣ дар объектҳои Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 46,7 фоиз, ё 2111 ҳазор сомонӣ дар объектҳои Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда хоҳад шуд.

Дар солҳои пешбинишаванда объектҳои аввалиндараҷаи корҳои геологию кашшофӣ ин гузаронидани корҳои иктишофӣ ва ҷустуҷӯию баҳодиҳии магматекӣ барои никели медӣ дар майдони Лангар (Помири ғарбӣ) мебошад. Зеро талаботи иқтисодиёти ҷаҳон ба ашёи хоми никел, ки дар таркибаш платина ва тилло дорад зиёд аст. Дар заминаи конҳои ошкоршудаи маъдани никелу мед, имконияти таъсис додани саноати маъдани кӯхӣ пайдо мешавад.

Дар давраи баррасишаванда дар ҳолати азхудкунии маблағҳои аз буҷет ҷудошаванда иҷро намудани корҳои иктишофӣ, геологӣ, омӯзиши қаблӣ, баҳодиҳӣ дар объектҳои зерин пешбинӣ шудааст:

1. Дар объектҳои Саридораи «Геологияи Тоҷик»: корҳои иктишофию ҷустуҷӯӣ ва баҳодиҳии магматекӣ барои никели медӣ дар майдони Лангар, барои марганҳо дар қисми дарьёи Обихингоу ва мавзеъи ағбаи Хабуробод, барои маъдани оҳан дар объекти Барч дар Помири ғарбӣ, иктишофи ашёи гилхок дар Помири ҷанубӣ иктишофи ашьёи гилхок дар Помири ғарбӣ ва ғайра.

2. Дар объектҳои Вазорати энергетика гузаронидани корҳои кашшофӣ-ҷустуҷӯӣ дар майдонҳои кони ангишти Равноу, Куртеке, Шахте Сай ва Учкур-Ҷангӣ-Девон, Кизилтукой ва Бунай.

3. Дар объектҳои Вазорати саноат корҳои кашшофӣ-ҷустуҷӯӣ барои пайдоиши сангҳои ранга дар нишеби ҷануби қаторкуҳҳои Ғунд (Александрид Колхозабадский), дар нишеби ҷануби қаторкӯҳҳои Вахон, дар хати Ёкутдори тарақулма (минтақаи Надежда-Тимоша, Аленушка корунд 1-8), корҳои ҷустуҷӯии баҳодиҳӣ дар конҳои сафоли тунуки кӯҳи Лаъл, скополити Кукрут, турмалини Мика, адуляри Амазонит пешбинӣ шудааст.

Дар ҳолати амалӣ намудани корҳои зикргардида, захираҳои канданиҳои фоиданок ба монанди никел, мисс, ашёи гилхок, ангишт, сангҳои ранга, скополит ва ғайра зиёд гашта, барои бой намудани базаи ашёи минералӣ мусоидат менамояд.

### Ҳаҷми корҳои топографию геодезӣ аз буҷа маблағгузоришаванда дар объектҳои Агентии «Тоҷиккоинот»

Мувофиқи мақсад ва вазифаҳои пешниҳодшуда дар давраи солҳои 2006-2015 иҷрокунии корҳои харитасозию геодезӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ҳамагӣ дар ҳаҷми 330,0 ҳазор сомонӣ ба назар гирифта шудааст, аз ҷумла:

1. Объекти «Нуқта» - ба назар гирифтани хатҳои (шабакаҳои) рушди давлатии триангулятсионӣ, полигонометрӣ ва геодезии мавзеъҳои аҳолинишин. Арзиши ҳаҷми корҳои ба назар гирифташуда ба 95,0 ҳазор сомонӣ рост меояд, аз ҷумла:

а) барои рушди хатҳои давлатии триангулятсиоионӣ ва полигонометрӣ – 40,0 ҳазор сомонӣ.

б) барои рушди шабакаҳои геодезӣ дар мавзеъҳои аҳолинишин –55,0 ҳазор сомонӣ.

2. Объекти «Харита» - ба назар гирифтани таъминоти харитаи топографии ҳозиразамон барои муайян намудани мавзеъҳои аҳолинишини ҳайётан муҳим, лоиҳакашии объектҳо ва иншоотҳои муҳандисӣ, дуруст истифода бурдани захираҳои заминӣ ва дигар чорабиниҳо.

Арзиши ҳаҷми корҳои ба назар гирифташуда 185,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

3. Объекти «ГИС» - ба назар гирифтани таъминоти маводҳои системаи ахборотӣ ва геологӣ бо назардошти инфраструктураи мавзеъҳои аҳолинишин.

Арзиши ҳаҷми корҳои ба назар гирифташуда –50,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

### 3.3. Фаъолияти комплекси агросаноатӣ

Ба мақсади таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ бо хӯрока ва кам намудани сатҳи камбизоатӣ, захира намудани маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст, ки

барномаи дарозмудати рушди соҳаи кишоварзии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015 чунин муъаян карда шавад.

Барномаи мазкур самтҳои асоси сиёсати аграрии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро дар давраи то соли 2015 муъаян намуда, дар соли 2015 маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои муқоисавӣ 42.6 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2000 120.1 фоизро ташкил хоҳад дод.

Замин манбаи асосии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии вилоят ба ҳисоб меравад. Замини истифодаи соҳаи кишоварзии вилоят ба 1 январи соли 2005 618,4 ҳазор гектарро ташкил мекунад, ки 21,6 ҳазор гектари он обӣ мебошад, замини мазраъ бошад ба 18,0 ҳазор гектар баробар аст, ки 16,4 ҳазор гектари он обӣ мебошад.

Дар соли 2015 истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли 2000 чунин аст: ғалла – 1.9, картошка - 1.9, сабзавот - 2,2, полизӣ - 1,5, меваҷот - 2,4, гӯшт - 1.5, шир - 1.7 маротиба ва тухм - 14 фоиз зиёд пешбинӣ карда шудааст. Таъмини иҷрои нақшаҳои пешбинишуда ба паст намудани сатҳи камбизоатии мардуми минтақа мусоидат менамоянд.

Чунин афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ асосан, аз ҳисоби интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст, чунки замини кишт афзоиш намеёбад. Зиёд шудани маҷмӯӣ маҳсулот аз ҳисоби ҳосилнокии заминҳо ва маҳсулотнокии чорво ба нақша гирифта шудааст.

Яке аз вазифаҳои афзалиятнок дар оянда зиёд намудани маҳсулоти асосии хӯрока, яъне гандум мебошад. Ғалла яке аз манбаъҳои ғизои асосии мардуми вилоят ба ҳисоб рафта, майдони кишти он дар соли 2015 ба 9.3 ҳазор гектар мерасад, ё 51 фоизи тамоми заминҳои киштро дар бар мегирад. Истеҳсоли зироатҳои ғалладона дар соли 2015 21 ҳазор тоннаро ташкил намуда, назар ба соли 2000 афзоиши он то 1.7 маротиба расонида мешавад. Дар охири давраи пешбинишуда ҳосилнокии ғалладона аз ҳар гектар 22.7 сентнерро ташкил мекунад.

Картошка баъди зироатҳои ғалладонагӣ аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд. Дар соли 2015 майдони кишти он 2,1 ҳазор гектарро ташкил мекунад. Истеҳсоли он бошад ба 44,6 ҳазор тонна расонида мешавад, ки ин нисбат ба соли 2000 1,9 маротиба зиёд мебошад. Ҳосилнокии ин зироат аз як гектар 215 сентнер ба нақша гирифта шудааст.

Сабзавот асосан дар ноҳияҳои Рушон, Роштқалъа ва Шуғнон парвариш карда мешавад. Майдони он дар соли 2015 ба 505 гектар расонида мешавад, истеҳсолаш бошад 2.2 маротиба зиёд шуда, дар ин давра ба 14,8 ҳазор тонна мерасад, ки ҳосилнокиаш аз ҳар гектар бо кишти такрорӣ 293 сентнерро ташкил медиҳад.

Парвариши меваҷот масъули деҳқононии ш. Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ, Рушон, Дарвоз, Шуғнон, Ишкошим ва Роштқалъа мебошад. Майдони ҳосилдиҳандаи он дар соли 2015 ба 1647 гектар расонида шуда,

истеҳсоли мева бошад 13,7 ҳазор тоннаро ташкил менамояд, ки нисбати соли 2000 2,4 баробар зиёд мебошад. Ҳосилнокии меваҷот аз ҳар гектар то соли 2015 ба 83.2 сентнер расонида мешавад.

**Соҳаи чорводорӣ** дар вилоят баъди зироаткорӣ зиёда аз 36 фоизи маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии вилоятро ташкил мекунад.

Асоси пешрафти чорводорӣ ин афзун намудан ва нигоҳ доштани саршумори чорво ба ҳисоб меравад, ки ҳиссаи зиёди он дар ихтиёри бахши хусусӣ мебошад. Бо ин мақсад дар соли 2015 100,5 ҳазор сар чорвои калони шохдор, 34,7 ҳазор сар модагов, 286,6 ҳазор сар бузу гӯсфанд ва 101,9 ҳазор сар парранда ба нақша гирифта шудааст, ки афзоиши он нисбати соли 2000 мутаносибан 126,6 фоиз, 109,8 фоиз, 125,1 фоиз ва 126,2 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин замина истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ низ сол аз сол афзун гардида, дар соли 2015 истеҳсоли гӯшт бо вазни зинда - 6,5 ҳазор тонна, шир -14,3 ҳазор тонна, тухм - 4,3 млн. дона ва пашм 200 тонна пешбинӣ шудааст, ки ин нисбати соли 2000 гӯшт - 1,5, шир – 1,7 маротиба, тухм - 14 ва пашм – 41.8 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамаи ин нишондодҳо дар шароите амалӣ мегардад, ки барои хоҷагиҳои вилоят, баъзаи моддии техникӣ, дастгирии сармоягузорон, агротехникаи пешқадам, таъмини маводҳои зарурӣ муҳайё карда шавад.

Истеҳсоли ин миқдор маҳсулоти кишоварзӣ водор мекунад, ки дар вилоят коркарди он дуруст ба роҳ монда шавад. Барои ба ин мақсад ноил шудан лозим аст, ки оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ барои сохтмони корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзи, дар ҷалби сармояи хориҷӣ корҳои зиёде гузаронида шавад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2002 таҳти №385 «Дар бораи таҷдиди сохтори корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ дар давраи солҳои 2002-2005» хоҷагиҳои давлатӣ пурра ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) табдил дода шудаанд ва ба 1 январи соли 2005 дар вилоят 150 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) вуҷуд доранд. Замини умумии онҳо 1903 ҳазор гектар буда, 13.7 ҳазор гектари он замини корам мебошад. Аз он ҷумла замини корами обӣ 13.6 ҳазор гектарро ташкил медиҳад.

Ин хоҷагиҳо ба дастгирии молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Барои ҳалли ин муаммо лозим аст, бонкҳои вилоят барои ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок кӯмак расонанд.

Техника мададгори асосии деқонон ба ҳисоб меравад. Аз сабаби он, ки хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (фермерӣ) иқтидори харидани техникаро надоранд, дар маркази ноҳияҳо ташкили маркази ёрии техникӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои саноати хӯрокворӣ ва коркарди вилоят дар маҷмӯъ бо назардошти ҳисоби иловагии сектори ғайридавлатӣ бо нархҳои пешбинишудаи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015, дар соли 2010 ба маблағи 25,2 млн.сомонӣ ва дар соли 2015 ба маблағи 31,5 млн.сомонӣ муайян шудааст.

Бояд қайд кард, ки маҳсулоти молии комплекси агросаноатии вилоят дар соли 2005 асосан (99,5 фоиз) аз ҳисоби сектори ғайридавлатӣ (ҳисоби иловагӣ) инъикос шудааст. Дар дурнамои солҳои 2010 – 2015 афзоиши ҳиссаи сектори реалӣ (6 фоиз) аз ҳаҷми умумии маҳсулот, ки бо назардошти фаъолияти сехи коркарди мева дар ноҳияи Ванҷ ва сехи истеҳсоли нӯшокиҳои спиртдор дар ноҳияи Рӯшон пешбинӣ шудааст.

## 3.4. Рушди соҳаи нақлиёт ва алоқа

Барномаи рушди иқтисодии соҳаҳои нақлиёт ва алоқаи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2005-2015 бо назардошти пешниҳодҳои вазоратҳои нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи боркашонии байналхалқии автомобилии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, таҳия карда шуд.

Мутобиқи ин маводҳо, дар маҷмӯъ Барнома пешбинӣ менамояд, ки дар комплекси нақлиётии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2015 нисбат ба соли 2000 ҳаҷми боркашонӣ ва гардиши бор – 48,0 фоиз ва 7,2 маротиба, мусофиркашонӣ ва гардиши мусофирон – 4,8 ва 5,9 маротибагӣ афзоиш меёбад.

Рушди назаррас дар пешрафти соҳаи алоқаи вилоят низ пешбинӣ шуда, ҳаҷми даромад аз хизматрасонии алоқа – 16,4 маротиба ва ҳаҷми хизматрасонии соҳа ба аҳолӣ – 15,6 маротиба зиёд мегардад.

**Нақлиёти автомобилӣ**

Мувофиқи маълумотҳои Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба 01.01.с.2005 – 6956 адад нақлиёти атомобилӣ мавҷуд буда, аз он 2758 адад (39.6 фоиз) автомобилҳои давлатӣ ва 4198 адад, ё 60,4 фоизро автомобилҳои хусусӣ ташкил медиҳад ва тамоюли хусусигардонии ин намуди нақлиёт дар давраи пешбинишаванда идома меёбад.

Дар вилоят хусусигардонӣ соли 1995 сар шуда, дар айни замон 60 фоизи муассисаҳои нақлиёти автомобилӣ хусусӣ гардонида шудаанд ва дар асоси қарордод бо Идораи нақлиётии «Помирнақлиёт» фаъолият мекунанд. Дар замони феълӣ дар ин идораи нақлиётӣ, автомобилҳои давлатӣ - 583 адад автомошинаҳои боркаш ва 76 адад автобусҳои мавҷуда фаъолият мекунад, ки дар тӯли 15 соли охир парки онҳо амалан аз ҷиҳати техникӣ нав карда нашудааст.

Вобаста ба ин ҳолатҳо дар вилоят дар солҳои то 2015 дар назар дошта мешавад, ки нишондиҳандаҳои фаъолияти нақлиёти автомобилии давлатӣ кам гардида, ҳаҷми кори соҳибкорони хусусӣ зиёд мешавад.

Дар ин давра бо нақлиёти автомобилӣ дар қиёс ба соли 2000 дар соли 2015 ҳаҷми боркашонӣ ва гардиши борҳо - 48,0 фоиз ва 7,2 маротиба, мусофиркашонӣ ва гардиши мусофирон – 4,8 ва 5,9 маротибагӣ афзоиш ёфта, мутаносибан – бору гардиши бор- 460,0 ҳазор

тонна – 111,9 млн. т/км ва мусофирону гардиши мусофирон –2,4 млн. мус. - 32,0 млн. мус./км -ро ташкил менамояд.

Дар ин солҳо шоҳроҳи Абрешим (қитъаи роҳи автомобилгарди) Кӯлоб–Хоруғ–Мурғоб-Кулма (сарҳади Ҷумҳурии Халқии Хитой) ба истифода дода мешавад ва ҳамлу нақли автомобилии байналхалқӣ рушд ёфта, дар соли 2010 нисбат ба соли 2005 аз рӯи боркашонӣ ва гардиши боркашонӣ – 34,8 фоиз ва 34,6 фоиз, мусофиркашонӣ ва гардиши мусофирон – 4,9 маротибагӣ, дар соли 2015 назар ба соли 2010 оид ба боркашонӣ ва гардиши боркашонӣ – 35,0 ва 34,9 фоизӣ, оид ба мусофиркашонӣ ва гардиши мусофирон – 45,5 ва 46,3 фоизӣ афзоиш меёбад.

**Хоҷагии роҳҳо**

Дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба 01.01.с.2006 ҳамагӣ – 3670 км роҳҳои автомобилгард мавҷуд буда, 2775,4 километри он мумфарш карда шудааст. Аз дарозии умумӣ, роҳҳои истифодаи умум – 2685,0 км, роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта – 1475,0 км ва роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ – 1210,0 километрро ташкил медиҳад, ки дар давоми 10-15 соли охир бисёрии онҳо таъмир карда нашудаанд ва бештар аз 1,2 ҳазор км роҳҳо, 20 фоиз пулҳо ва 25 фоиз қубурҳои обгузарон таъмирталаб мебошанд.

Аз ин рӯ то соли 2015 дар Барнома пешбинӣ карда мешавад, ки роҳҳои автомобилгарди вилоят аз нав таҳқиқ ва шиносноманавис (паспортизатсия) карда, қисмати муайяни роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта таъмиру барқарор карда, нуқтаҳои тадқиқотию назоратии тармафароӣ эҳё карда, тармими роҳи автомобилгарди Душанбе-Хоруғ, дар километрҳои 300-386, 411-425, 480-520, роҳи автомобилгарди Хоруғ-Ишкошим – 3-70 км., Хоруғ–Ош - километрҳои 411-487, 500-585 ба анҷом расида, харидории азнавкунию техникаи нигоҳубини роҳҳо ва дигар иншоотҳои хоҷагии роҳҳо дар назар гирифта шудааст.

Дар Барнома корҳои тайёрӣ ва сохтмони роҳи автомобилгарди Лангар – шоҳроҳи Қарақарум ба воситаи дараи Вахан пешбинӣ мешавад, ки имконияти алоқаро бо роҳи кӯтоҳтарин ба минтақаҳои сарҳадии вилоят бо Покистон ва афзоиши ҳаҷми савдои байнидавлатӣ фароҳам меояд. Инчунин дар назар дошта мешавад, ки то соли 2010 роҳҳои автомобилгардии Душанбе – Нуробод – Тавилдара – ағбаи Хобуробод – Дарвоз, қитъаҳои роҳҳои Қалъаи Нав - Қалъаи Ҳусейн, Қалъаи нав - Лаби ҷар, дараҳои Бартанг, Язгулом, Ванҷ – таъмир карда ба истифода, сохтмони купрукҳо аз болои дарёи Панҷ идома меёбад.

Дар Барнома дар солҳои 2006 - 2015 дар тӯли роҳҳои автомобилгард, ба ҳусус шоҳроҳи Душанбе - Кӯлоб – Хоруғ – Мурғоб - Кулма ва Хоруғ–Саритош бунёди иншооту муассисаҳои хизматрасонии техникии воситаҳои нақлиётӣ, хизматрасонии мусофирону ронандагон (кемпингҳо, меҳмонхонаҳо, нуқтаҳои хурокаи умум, алоқа, тиббӣ)-и ба талоботҳои меъёрии ҷаҳонӣ ҷавобгӯро пешбинӣ мекунад.

**Нақлиёти ҳавоӣ**

Дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4 фурудгоҳҳои маҳаллии хизматгузории нақлиёти ҳавоии дохили ҷумҳуриявӣ вуҷуд дорад, ки 50 фоиз ё 2 адади онҳо бо сабаби ба талаботҳои меъёрию техникӣ ҷавобгӯ набудан, истифода карда намешаванд. Дар ин давра дар Барнома ба анҷом расонидани эҳёи фурудгоҳҳои махаллӣ, ба хусус фурудгоҳи ш. Хоруғ, истифодаи самараноки онҳо ва таъмини талаботи аҳолӣ бо хизматрасонии ин намуди нақлиёт мувофиқ намудан дар назар гирифта шудааст.

Дар комплекси нақлиётии вилоят тадбиқи Барнома пешбинӣ менамояд, ки то соли 2015 ба ниёзмандон 1230 ҷойҳои кори нав сохта, пешкаш карда мешавад.

**Соҳаи алоқа**

Рушди назаррас дар пешрафти соҳаи алоқаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешбинӣ шуда, дар соли 2015 нисбат ба соли 2000 ҳаҷми даромад аз хизматрасонии алоқа – 16,4 маротиба ва ҳаҷми хизматрасонии соҳа ба аҳолӣ - 15,6 маротиба афзоиш меёбад.

Дар соли 2005 дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 34 истгоҳҳои автоматии (худкор)-и телефонӣ мавҷуд мебошад, ки ин нисбат ба соли 2000 2 адад кам буда, то соли 2015 миқдори онҳо ба 45 адад расонида мешавад, ки 25,0 фоиз, ё 11 адад афзоиш ёфта, дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ 70,8 фоиз зиёд шуда 47,5 ҳазор кан.км.-ро ташкил менамояд.

Дар ин давра ғунҷоиши истгоҳҳои васлкардашуда – 2,4 маротиба ва миқдори аппаратҳои асосии телефонӣ – 2,7 маротиба зиёд шуда, 27480 ададро ташкил медиҳад.

Дар бозори хизматрасонии коммуникатсияи телефонӣ Барнома рушди муваффақонаи ширкатҳои моликияташон мухталифро пешбинӣ менамояд, ки дар қатори ҷумҳурӣ дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ хизматгузориҳои алоқаи зудамал (мобилӣ), сотӣ пейджингӣ, IP - телефон ва истифода аз «Интернет» амри воқеъӣ мегардад. Дар назар дошта мешавад, ки миқдори истифодабарандагони алоқаи сотӣ дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 – 142,8 фоиз, ба 10,0 ҳазор муштарӣ мерасад.

Шумораи истифодабарандагони шабакаи «Интернет» дар соли 2010 назар ба соли 2015- 2,4 маротиба ва дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 - 48,2 фоиз зиёд гардида, аз ин намуди хизматрасонӣ аҳолии ноҳияҳои Рӯшон ва Роштқалъа баҳраманд мегарданд. Барнома таҳким ва иваз намудани истгоҳҳои автоматии телефониро ба таҷҳизотҳои рақамӣ идома бахшида, амалӣ намудани лоиҳаи инвеститсионии «Шабакаҳои нақли коммуникатсияи телефонии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо ҷалби инвеститсияи хориҷӣ аз рӯи қарзи Бонки Аврупоии рушд ва таҷдид ба маблағи 869,0 ҳазор доллари ИМА барои сохтани истгоҳои худкори телефонии дорои 11,3 ҳазор рақам дар шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим, Рушон, Ванҷ, Мурғоб, Роштқалъа ва дигар хизматгузориҳои алоқаи телефониро дар сатҳи сифатан наву ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мувофиқ, пешбини менамояд.

Дар Бароснома, инчунин сохтмон ва мавриди истифода қарор додани шабакаи алоҳидаи пахши барномаҳои телевизионии вилоятӣ пешбинӣ карда мешавад.

Дар Барнома дар назар дошта мешавад, ки дар вилоят ҳар сол дар соҳа ба ҳисоби миёна 75- 80 нафар ва дар маҷмӯ бештар 750 - 800 нафар ба ҷойҳои кори нав таъмин карда мешавад.

### 3.5. Фаъолияти инвеститсияи дохилӣ ва комплекси сохтмон

Дар солҳои 2006-2015 барномаи инвеститсионии рушди иқтисодии ВМКБ бо назардошти параметрҳои муайяншудаи Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, истифодаи ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ: маблағҳои худии корхонаю ташкилотҳо, буҷетӣ ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ тайёр карда шудааст.

Ҳаҷми умумии инвеститсияҳо (бе сармоягузориҳои хориҷӣ) ба иқтисодиёти ВМКБ дар ҳаҷми 211,55 млн.сомонӣ, корҳои сохтмонию васлкунӣ 169,25 млн. сомонӣ ва ба истифода додани фондҳои асосӣ 221,49 млн. сомонӣ муайян шудааст.

Маблағҳои асосӣ барои сохта ва ба истифода додани иншоотҳои муҳим ба монанди роҳҳои автомобилгарди Мурғоб-Тохтамиш, Душанбе-Хоруғ, обёри намудани заминҳои хоҷагиҳои ба номи Федченкои ноҳияи Ванҷ, Рошорви ноҳияи Рушон, Бармарги-Штами ноҳияи Шуғнон, бинои институти илмҳои гуманитарӣ дар ш. Хоруғ, сохтмони биноҳои «Телеком» дар ноҳияҳои Мурғоб, Ванҷ, Шуғнон, сохтмони шабакаи алоҳида барои паҳн кардани барномаи телевизиони ВМКБ, беморхонаи кардиологӣ дар шаҳри Хоруғ равона карда шудаанд.

Бо назардошти маҳдуд будани маблағҳои худии вазорату идораҳо, корхонаю ташкилотҳо ҳар сол маҳдуд гардидани имконияти ҳалли проблемаи асосӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, дар дурнамо зарурати ҷалб намудани сармояҳои хориҷӣ мувофиқи Созишномаҳои басташудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шудааст. Шартномаҳои ба имзо расидаи вазорату идораҳо ва ташкилотҳо бо давлатҳои хориҷӣ, институтҳои байналхалқии молиявӣ, ширкатҳо доир ба масъалаҳои ҷудо намудани қарзҳои хориҷӣ ва ё бурдани фаъолияти якҷоя низ дар назар дошта шудааст.

Дар соли 2006-2015 истифодаи сармояҳои хориҷӣ барои эҳтиёҷоти сохтмони асосӣ дар ҳаҷми 403,7 млн. доллари ШМА пешбинӣ карда шудааст.

Барои маблағгузории сармояҳои дохилӣ равона намудани маблағҳои худии корхонаю ташкилотҳо дар ҳаҷми 2,6 млн. сомонӣ, маблағҳои буҷетӣ 169,43 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Аз ҳисоби дигар манбаъҳо (аҳолӣ) 39,51 млн. сомонӣ (18,7 фоиз аз ҳаҷми умумии сармояҳо) муайян карда шудаанд.

Аз ҳаҷми умумии маблағҳои асосӣ (инвеститсияҳо) барои сохтмони истеҳсолӣ 92,04 млн. сомонӣ (43,5 фоиз) ва сохтмони ғайриистеҳсолӣ 119,52 млн. сомонӣ (56,5 фоиз) равона карда мешаванд.

Маблағҳои асосии марказонидашудае, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, дар рушди соҳаи истеҳсолӣ 92,04 млн. сомонӣ (54,3 фоиз) ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ 77,4 млн. сомонӣ (45,7 фоиз) истифода бурда мешаванд.

Ҳиссаи зиёди сармояҳои марказонидашудаи сохтмон дар соҳаҳои истеҳсолии афзалиятдошта истифода бурда мешаванд: нақлиёти автомобилӣ, комплекси сӯзишворию энергетикӣ, алоқа ва соҳаи кишоварзӣ, ки эҳтиёҷоти таъхирнопазири ВМКБ-ро таъмин менамоянд, ба рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёти вилоят имконият медиҳад. Барои сохтмони иншоотҳои комплекси агросаноатӣ аз ҳисоби сармояҳои дохилӣ 4,59 млн. сомонӣ (3 фоиз аз ҳаҷми маблағгузории марказонидашуда) пешбинӣ карда шудааст.

Аз маблағҳои буҷетие, ки ба соҳаҳои иҷтимоӣ равона карда мешаванд, ба соҳаҳои афзалиятдошта (тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, фарҳанг) ҷудо намудани 31,79 млн. сомонӣ пешбинӣ карда шудааст, ин 18,7 фоиз, инчунин ба соҳаи хоҷагии коммуналӣ 5,7 млн. сомонӣ, ки ин нисбат ба маблағҳои умумии марказонидашуда 3,3 фоиз ва 4,7 фоиз нисбат ба хароҷотҳои соҳаи ғайриистеҳсолӣ мебошад.

Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба истифода додани 166,2 ҳазор метри квадратӣ масоҳати умумии манзилгоҳ, аз он ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ 9,6 ҳазор метри квадратӣ ва аз маблағҳои аҳолӣ 156,6 ҳазор метри квадратӣ пешбинӣ карда шудааст.

Дар соҳаи иҷтимоӣ ба истифода додани мактабҳои ҳамагонӣ барои 2037 ҷои талаба, муассисаҳои томактабӣ барои 180 ҷой, беморхона барои 310 кат ва дармонгоҳҳо барои 40 қабул дар як баст пешбинӣ карда шудааст.

Дар иншоотҳои хоҷагии коммуналӣ бояд иқтидорҳои зерин ба истифода дода шаванд: 28,1 км хатҳои обтаъминкунӣ, 4 км хатҳои канализатсионӣ.

Дар муддати баррасишаванда ба итмом расонидани як қатор сохтмонҳои махсусан муҳим ва оғози сохтмони иншоотҳои калоне, ки барои рушди иқтисодии ояндаи ВМКБ аҳамияти муҳим доранд ва барои беҳтар намудани ҳаёти аҳолӣ ба назар гирифта шудааст.

Сохтмони як қатор нерӯгоҳҳои обию барқӣ - Помир-1, Помир-2, Санобод ва Бартанги ноҳияи Рӯшон, Пастхуф-1,2, Язгулом, Курговад; роҳҳои автомобилгарди Кӯлоб-Қалай-Хумб дар майдони Шоғун-Зиғар (марҳилаи 1 ва 2) - 34,2 км, Анҷироби Поён, сохтмони майдони Зиғар-Хостав-Шкев дар роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалай-Хумб 38 км, инчунин таҷдиди роҳи автомобилгарди Хоруғ-Роштқалъа–Тукузбулоқ дар назар аст.

Инчунин корҳои зерин ба нақша гирифта шудаанд:

- сохтмони заводи конструксияҳои оҳану бетонӣ (ЖБК), фабрикаи дӯзандагӣ бо иқтидори истеҳсолии молҳои дӯзандагӣ ба маблағи 32 ҳазор доллари америкоӣ дар 1 сол дар шаҳри Хоруғ;
- сохтмони заводи хишти пухта дар ноҳияи Ванҷ бо иқтидори 2 млн. дона дар як сол;

- сохтмони корхонаи нави коркарди сангҳо дар ноҳияи Дарвоз бо иқтидори тахтасанги мармарӣ -30 ҳазор $м^2$, блокҳо мармарӣ – 4,6 т. $м^3$, хокаи мармар – 45 ҳазор тонна ва ҳоказо.

### 3.6. Инвеститсияи хориҷӣ

Мутобиқи пешниҳодоти вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, Барномаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2006 таи солҳои 2006-2015 ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ВМКБ бо мақсади амалӣ гардонидани 51 лоиҳаҳои сармоягузорӣ 579,1 млн. долл. ШМА сармоягузориҳои хориҷӣ ба назар гирифта шудааст, ки аз он ба давраи соли 2005 - 21,0 млн. долл. ШМА, ба давраи соли 2006-2010 - 244,4 млн. долл. ШМА ва ба давраи солҳои 2011-2015 - 316,7 млн. долл. ШМА таалуқ дорад.

Рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят аз рушди соҳаи ***саноат*** вобастагии калон дорад.

Бо ин мақсад дар давраи иҷроиши Барнома ба мақсади сохтмони корхонаҳои нави саноатӣ ва азнавсозии корхонаҳои амалкунанда ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бо маблағи 250,4 млн. долл. ШМА дар назар дошта шудааст.

Дар ин давра дар соҳаи коркарди сангҳои қиматбаҳо 231,4 млн. долл. ШМА маблағгузорӣ дар назар дошта шудааст, ки он ба масъалаҳои истихроҷ ва коркарди металлҳои асил ва ғайраҳо равона мешаванд.

Соҳаи муҳиме, ки ба рушди иқтисодиёти на танҳо вилоят, инчунин тамоми ҷумҳурӣ таъсири мусбат расонида метавонад, ин соҳаи ***энергетика*** мебошад. Дар ин соҳа таи солҳои 2006-2015 ҷалби умумии сармоягузориҳои хориҷӣ дар ҳаҷми 295,2 млн. долл. ШМА дар назар дошта шудааст.

Соҳаи дигаре, ки тараққиёти иқтисодию иҷтимоии вилоят аз он вобастагии калон дорад, ин соҳаи ***нақлиёт*** мебошад, ки барои рушди он ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ таи солхои 2006-2015 дар ҳаҷми зиёда аз 35,3 млн. долл. ШМА дар назар дошта шудааст.

Дар ин давра бо истифодаи маблағҳои мазкур барқарорсозӣ ва ташкили корхонаҳои муштарак оид ба коркарди сангҳои қимматбаҳо, сохтмони заводу сехҳои консервабарории меваю сабзавот, барқароркунии хати технологӣ барои истеҳсоли хишти пухта, сохтмони фабрикаи ресандагӣ, ташкили истеҳсоли бофандагӣ ва дӯзандагӣ ба итмом расонида мешавад.

Мутобиқи Барнома барои рушди ***ноҳияи Роштқалъа*** ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар ҳаҷми 114 ҳазор долл. ШМА дар назар дошта шудааст, ки он барои парвариши 780 сар чорвои майда, 110 сар қутос дар хоҷагии фермерии «Роштқалъа» равона карда мешаванд.

Барои рушди ***ноҳияи Мургоб*** 78,6 млн. долл. ШМА маблағгузории хориҷӣ пешниҳод шудааст, ки ин асосан барои гузаронидани корҳои геологию тадқиқотӣ дар конҳои «Кукурт» ва барои ташкил намудани корхонаҳо оиди истихроҷи сангҳои қимматбаҳо пешбинӣ шудааст.

Инчунин мутобиқи Барнома дар ***ноҳияи Ишкошим*** ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба маблағи 13,0 млн. долл. ШМА дар назар дошта шудааст. Дар давраи иҷроиши Барнома сохтмони корхонаи нави коркарди сангҳо барои коркарди тахнасанги мармарии 30 ҳазор м$^2$, хокаи мармар 45 ҳазор тонна, ташкили корхонаи муштарак оид ба истихроҷи мармари Лангар ва ташкили корхонаи хурд барои истеҳсоли оби минералӣ дар деҳаи Гарм-чашма, Сист ва Қозидеҳ ба итмом расонида мешаванд.

Дар ***ноҳия Рушон*** ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба маблағи 289,9 млн. долл. ШМА дар назар дошта шудааст. Аз ин ҳисоб дар назар дошта шудааст, ки сохтмони нерӯгоҳҳои обӣ-барқии «Санобод», «Бартанг», «Пастхуф-1» ва «Пастхуф-2» ба итмом расонида шуда, инчунин аз ин ҳисоб сохтмони корхонаи хурд оид ба коркарди сабзавот бо иқтидори 20 ҳазор қуттии шартӣ дар 1 сол дар ноҳия, гузаронидани корҳои геологию тадқиқотӣ дар кони Баҷу ва ташкили корхонаи муштарак дар заминаи кони «Икар» ба итмом расонида мешавад.

Барои рушди ***шаҳри Хоруғ*** ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба маблағи 101,5 млн. долл. ШМА дар назар дошта шудааст, ки он барои сохтмони заводи ЖБК, ташкили корхонаи хурд оиди коркарди пашм ва сохтмони фабрикаи дӯзандагӣ дар шаҳр равона карда мешавад.

Дар ***ноҳияи Ванҷ*** ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба маблағи қариб 32,4 млн. долл. ШМА дар назар дошта шудааст, ки он барои сохтмони НОБ-и «Язгулом» ва таҷдиди корхонаи «Хрустал» оид ба коркарди мармар равона карда мешаванд.

Дар ноҳияи Дарвоз бошад 35,3 млн. долл. ШМА пешбинӣ шудааст, ки он асосан барои сохтмони роҳҳои автомобилгард ва сохтмони корхона оиди истихроҷи тилло истифода хоҳад шуд.

Инчунин мутобиқи Барнома барои рушди ***ноҳияи Шуғнон*** ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар ҳаҷми 28,3 млн. долл. ШМА дар назар дошта шудааст, ки он барои ташкили корхонаи муштарак дар заминаи корхонаи «Лаъл», истихроҷи кони лазурити «Лоҷвардара» бо иқтидори 20,4 тонна лазурит дар 1 сол ва сохтмони НОБ-и «Помир -2» равона карда мешаванд.

Иҷроиши Барнома бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва кам намудани сатҳи камбизоатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят мусоидат менамояд.

### 3.7. Бозори истеъмолӣ

Тағйиротҳое, ки дар ҳаёти сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 1991–2000 ба амал омаданд, ба вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон низ таъсири худро расониданд.

Дар давраи солҳои 1991–2000 дар натиҷаи дигаршавии шаклҳои моликият, вазъи соҳаи савдо ва хизматрасонӣ дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ душвор гардид.

Корхонаҳои саноатию истеҳсолии вилоят, ба монанди, фабрикаи «Лаъл», заводи «Нонпазӣ», комбинати ширу гӯшти шаҳри Хоруғ, фабрикаи мурғпарварӣ қисман ё тамоман аз фаъолият боз монданд.

Аз байн рафтани таъмини аҳолӣ дар фасли тирамоҳу зимистон бо захираҳои молҳои хӯрока, сатҳи пасти қобилияти харидории аҳолӣ ба кам шудани ҳаҷми савдои чакана ва хизматрасонии пулакӣ таъсири бевоситаи худро расонид.

Ҳаҷми гардиши моли чакана ва хизматрасонии пулакӣ дар ин давра (солҳои 1991-2001) хеле паст гардид.

Дар соли 2000 ҳаҷми гардиши моли чакана, нисбат ба соли 1991 (бо нархҳои соли 2000) 31,1 маротиба ва ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 10 маротиба кам шуда, мутаносибан 3,2 ва 10 фоизи ҳаҷми соли 1991-ро ташкил дод.




Сатҳи таъмини бозори истеъмолӣ бо молҳои ниёзи мардум пеш аз ҳама аз воридот вобастагӣ дошт.

Солҳои охир, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоят ба таври назаррас беҳтар гардид.

Пеш аз ҳама дар соҳаи асосии иқтисоди вилоят - кишоварзӣ беҳбудиҳо ба назар мерасанд. Истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ дар соли 2005 нисбат ба соли 2000 21,4 фоиз, картошка – 47,2 фоиз, сабзавот - 78,6 фоиз, меваҷот – 85,8 фоиз, гӯшт (бо вазни зинда) 43,1 фоиз, шир-52,2 фоиз зиёд шудааст.

Ҳаҷми умумии гардиши савдои чакана дар соли 2005 дар ҳамаи соҳаҳо 11,8 ва хизматрасонии пулакӣ 16.0 млн сомониро ташкил дод ва нисбат ба соли 2000-ум мутаносибан ба андозаи 2 ва 8,3 маротиба афзоиш ёфт.

Ҳамин тариқ, заминаҳои ба даст омадаро ба назар гирифта суръати афзоиши ҳаҷми умумии гардиши савдои чакана ва хизматрасонии пулакӣ (бо нархҳои муқоисавии соли 2000) дар соли 2010 нисбат ба соли 2005 мутаносибан 1,4 ва 1,5 маротиба, дар соли 2015 нисбат ба соли 2010 1,3 ва 1,4 маротиба дар назар дошта шудааст.

Дар давраи солҳои 2001–2015 ҳаҷми гардиши савдои чакана бо нархҳои муқоисавии соли 2000 1,7 маротиба ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ 3,5 маротиба зиёд хоҳад шуд.




Қайд кардан зарур аст, ки ба суръати баланди афзоиш нигоҳ накарда, гардиши савдои чакана ва хизматрасонии пулакӣ дар соли 2015 (бо нархҳои амалии соли 2015) дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мутаносибан 5,5 ва 15,7 фоизи нишондиҳандаи соли 1991-ро ташкил медиҳаду халос.

Рушди нишондиҳандаҳои бозори истеъмолӣ дар ҷадвал оварда шудааст.

(млн. сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | соли 2000 | соли 2005 | соли 2010 | соли 2015 |
|---|---|---|---|---|
| Гардиши моли чакана (дар ҳамаи соҳаҳо) | | | | |
| бо нархҳои амалӣ | 6,0 | 11,8 | 21,0 | 32,0 |
| бо нархҳои муқоисавӣ | 6,0 | 5,9 | 8,3 | 10,4 |
| Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ (дар ҳамаи соҳаҳо) | | | | |
| бо нархҳои амалӣ | 1,9 | 16,0 | 30,0 | 50,0 |
| бо нархҳои муқоисавӣ | 1,9 | 3,4 | 4,9 | 6,8 |

Ҳаҷми гардиши савдои чакана дар соли 2005 ба ҳар сари аҳолии ВМКБ 53,1 сомонӣ ва ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 72 сомониро ташкил дод, ки ин назар ба нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳуриявӣ мутаносибан 6 ва 2,9 маротиба камтар мебошад.

Ҳаҷми гардиши савдои чакана ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2015-132,9 сомонӣ, ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ - 207,6 сомониро ташкил дода нисбати соли 2000 мутаносибан 22,6 ва 4,5 маротиба афзоиш хоҳад ёфт.




Дар натиҷаи афзоиши даромадҳои пулӣ сифати истеъмолии гурӯҳи асосии молҳои хӯрока беҳтар хоҳад шуд.

Дар сохтори хизматрасониҳои пулакӣ бошад, ҳаҷми хизматрасониҳои маишӣ, нақлиёти мусофиркаш, сайёҳӣ афзоиш хоҳанд ёфт.

Инкишофи савдои яклухт ва чакана, хӯроки умумӣ ва хизматрасонӣ ба зиёд шудани ҷои кории нав оварда мерасонад.

Қайд кардан лозим аст, ки дараҷаи таъмини бозори истеъмолӣ бо молҳои ниёзи мардум пеш аз ҳама ба кори соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ алоқаманд аст.

Истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар соли 2005 нисбат ба соли 2000 1,4 маротиба, дар соли 2015 нисбат ба соли 2000 2,4 маротиба зиёд дар назар дошта шуда бошад ҳам, вале ҳаҷми истеҳсоли он барои таъмини аҳолии вилоят хеле ночиз аст.

Мувофиқи маълумотҳо молҳои зерини дар вилоят истеҳсолшаванда талаботи аҳолиро (нисбати меъёрҳои муайяншудаи талабот) дар соли 2015 бо орд -38,5 фоиз, сабзавот- 43,6 фоиз, меваи тар – 72,9 фоиз, гӯшт - 39,7 фоиз, шир – 22, 0 фоиз, тухм -8,2 фоиз таъмин менамояд**. А**з ин лиҳоз, гуфтан лозим аст, ки бозори дохилии ВМКБ чун солҳои пешин аз воридот вобаста хоҳад буд.

**Омилҳои асосии рушди бозори истеъмолӣ**

Барои ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи рушди бозори истеъмолии вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон омилҳои зерин таъсири худро расонида метавонанд:

- барҳам додани монеъаҳои рушди соҳаи соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории хурд, ки барои таъмини ҷойҳои кории нав ва таъмини даромади иловагии аҳолӣ мусоидат менамояд;
- рушди истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ва ба рақобат тобовар дар ҳудуди вилоят;
- дуруст ба роҳ мондани системаи воридоти бонкӣ оид ба воридшавии маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ аз дигар давлатҳо

(зиёд шудани даромади пулии аҳолӣ аз ҳисоби пулҳои муҳоҷирони меҳнатӣ);

- пешрафти савдои наздисарҳадӣ бо Афғонистон ва Чин;

- қабул ва амал намудани Қонун «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии минималӣ» (барои рушди хизматрасониҳои пулакӣ асоси қонунӣ мегузорад).

Ҳамчунин омилҳои дигаре вуҷуд доранд, ки амалӣ гаштани онҳо дарояндаи наздик дар назар аст ва ба рушди бозори истеъмолии вилоят таъсири бевосита мерасонад ва ба зиёд шудани ҷои корӣ, камшавии бекорӣ, зиёд шудани даромади пулии аҳолӣ оварда мерасонад:

- сохтмони роҳи Абрешим бо Ҷумҳурии Чин (Душанбе, Кӯлоб, Қалайхумб, Хоруғ, Мурғоб, Кулма бо баромади шоҳроҳи Қароқоруми Ҷумҳурии Чин);

- сохтмони 4 пул дар дарёи Панҷ, байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон (дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ишкошим, Дарвозу Ванҷ);

- сохтмони якчанд нерӯгоҳҳои обии барқии хурд дар ВМКБ (дар қишлоқи Хуф, Баҷу, Шипат ва Баррушони ноҳияи Рӯшон). Инчунин, дар оянда сохтмони нерӯгоҳҳои барқии офтобӣ ва шамолӣ дар ноҳияи Мурғоб;

- ба нақша гирифтани сохтмони корхонаҳои хурди пойафзол дар ноҳияҳои Шуғнон ва Рӯшон, фабрикаи дӯзандагӣ дар ноҳияи Шуғнон, корхонаи коркарди пашм ва пӯст дар ноҳияи Дарвоз, корхонаи хиштбарорӣ дар ноҳияи Ванҷ;

- ташкили хизматрасониҳо барои нақлиёту мусофирони ба Ҷумҳурии Чин гузаранда;

- инкишоф додани соҳаи туристӣ дар базаи корхонаи кушодашудаи иттиҳодияи ҷамъиятии «Помир-Туризм» ва ташкилшавандаи Ассотсиатсияи «Мурғоб -Экотуризм»;

- инкишофи муассисаҳои курортию шифохонаҳо, бунёди шабакаҳои корхонаҳои савдои яклухти ҳаҷман калон ва майдаи молҳои Чин, Покистон (дарояндаи дур Ҳиндустону Шри –Ланка);

- боз дар ду ҷой ташкил намудани савдои наздисарҳадӣ.

Омилҳои номбаршуда ба рушди савдои чакана ва хизматрасониҳои пулакӣ мусоидат менамоянд. Ҳаҷми гардиши савдои чакана ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар натиҷаи баррасӣ намудани ин омилҳо аз 20 то 30 фоиз бештар хоҳад шуд, ки он дар давраи таҳияи Барномаи мазкур ба инобат гирифта шудааст.

**Маълумотҳои истифодашуда**.

Қайд намудан зарур аст, ки маълумотҳои расмии мақомоти омор, ки барои таҳияи дурнамои мазкур истифода шудааст, ба баҳодиҳии аниқи ҳаҷму сохтори истеъмолоти аҳолӣ, воқеияти бо молҳои хӯрокворӣ ва саноатӣ таъмин намудани аҳолӣ пурра асос шуда наметавонад. Дар ин ҷо сухан дар бораи нишондиҳандаҳои бозори номуташаккил, истеъмолот аз ҳисоби хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва даромадҳои аз шаҳрвандони берун аз марзи ватан воридшаванда меравад. Якбора паст

шудани микёси бо ҳисобот фарогирифташудаи савдои чакана ва хизматрасонӣ низ ба таҳияи дурусти дурнамо монеъ мешаванд.

Дар ҳолати аниқтар бо ҳисоб гирифта шудани савдои чакана ва хизматрасонӣ дар вилоят ва ноҳияҳои он, нишондиҳандаҳои барои солҳои 2010-2015 пешбинишуда метавонанд тағйир ёбанд.

## 3.8. Фаъолияти иқтисоди хориҷӣ

Барномаи мазкур барои солҳои 2005-2015 дар асоси таҳлили тамоюли рушди савдои хориҷии ВМКБ бо мамлакатҳои хориҷии дуру наздик дар солҳои 2000-2005 ва муқоисаи онҳо бо Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 саҳеҳ карда шудааст. Дар таҳияи Барнома маълумотҳои пешниҳод гардидаи Кумитаи ислоҳоти иқтисодӣ, инвеститсия ва робита бо хориҷи кишвари ВМКБ, Кумитаи давлатии омор, Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ ва раёсату шӯъбаҳои дахлдори Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидаанд.

Аз рӯи маълумотҳои омори расмӣ ҳаҷми гардиши савдои хориҷии ВМКБ соли 2000 маблағи 91,1 ҳазор доллари ШМА-ро ташкил карда, соли 2005 ҳаҷми он то ба 1551,8 ҳазор доллари ШМА афзуд. Асосан дар сохтори савдои хориҷии вилоят воридоти маҳсулот афзалият дошта, дар ин солҳо ягон намуди маҳсулот содир нашудаст.

Ҳаҷми умумии воридот дар ин давра 17 маротиба афзудааст.

Дар сохтори воридот ҳиссаи орд – 35,8 фоиз, маҳсулоти сӯзишворӣ – 27,5 фоиз, қувваи барқ - 5,6 фоиз, шакар – 1,2 фоиз ва равған - 1,1 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ояндаи дарозмуддат таъмин намудани рушди устувори гардиши савдои хориҷӣ вазифаи асосии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти ҳукумати вилоят барои ноил шудан ба чунин мақсадҳо равона хоҳад гашт:

- дастгирии соҳаҳои анъанавии содиротӣ ва соҳаҳои наве, ки интиқоли воридоти устувори асъорри хориҷиро барои ҳалли вазифаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ таъмин карда метавонанд;
- зиёд кардани ҳаҷми содирот, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва нимтайёри ба рақобат тобовар, кам кардани самти ашёии содирот;
- рушди соҳаҳои ивазкунандаи воридот ва кам кардани вобастагӣ аз воридоти молҳое, ки истеҳсоли онҳоро дар ҳудуди вилоят ба роҳ мондан мумкин аст;
- ташкили механизми самараноки дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда тавассути ҷалби қарзҳои имтиёзнок, пешниҳоди грантҳо, суғуртакунӣ аз таваккал, истифодаи фишангҳои тарифӣ ва ғайритарифии дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ;
- фаъолсозии корҳои иттилоотӣ ва тарғиботӣ оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушд ва таҳкими қудрати содиротии иқтисодиёти вилоят;

Гардиши савдои хориҷии ВМКБ дар соли 2010 – 2497,2 ҳазор долл. ШМА ва дар соли 2015 – 3135,1 ҳазор доллари ШМА-ро ташкил хоҳад дод. Афзоиши ин нишондод дар давраи солҳои 2005-2015 беш аз 2,0 маротиба пешбинӣ шудааст.

Масъалаи муҳими сиёсати иқтисоди хориҷии вилоят рушди содирот ва таҳкими заминаи он ба ҳисоб меравад. Ин амал таҷдиди техника ва технологияҳои мавҷуда ба ҷиҳозонидани корхонаҳои вилоятро тақозо менамояд.

Дар ояндаи дарозмуддат кӯшишҳо барои дар бозорҳои беруна фурӯхтани молҳои содиротие, ки аз рӯи онҳо вилоят бартарӣ дорад, ва ба сатҳи рақобатнок баланд бардоштани иқтидори корхонаҳои ватанӣ то ба харҷ дода хоҳанд шуд.

Тибқи Барнома содироти қувваи барқ дар соли 2010 дар ҳаҷми 60,0 ҳазор кВт. соат ё ба маблағи 720,0 ҳазор долл. ШМА ва дар соли 2015 дар ҳаҷми 100,0 ҳазор кВт.соат ё ба маблағи 1200,0 ҳазор долл. ШМА ташкил медиҳад, ки иҷроиши он аз ҳисоби ба истифода додани НОБ-и «Помир – 2» ва дигар НОБ-ҳои хурд таъмин мегардад.

Дар маҷмӯъ ҳаҷми содирот дар соли 2015 ба маблағи 1339,0 млн. доллари ШМА-ро ташкил хоҳад дод.

Афзоиши ҳаҷми содироти вилоят дар фосилаи солҳои 2010-2015 – 62,3 фоизро ташкил хоҳад дод. Дар сурати мусоид будани нархҳои ҷаҳонӣ барои молҳои содиршаванда, дастгирии бештар ва ҳавасмандгардонии содирот ин нишондиҳанда метавонад афзун гардад.

Баҳри баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ дар Барнома ба рушди соҳаҳои анъанавӣ, афзоиши истеҳсоли молҳои рақобатнок, ташкили сикли пайвасти ҷараёни истеҳсоли истеҳсолот диққати махсус зоҳир мегардад. Ҳалли ин вазифа татбиқи ислоҳоти сохторӣ ва ислоҳоти сохтори иқтисодиёти вилоятро тақозо менамояд. Бинобар ҳамин яке аз вазифаҳои афзалиятнок дар оянда ҳавасмандсозӣ ва дастгирии соҳаҳое мебошад, ки молҳои ба рақобат тобовар истеҳсол менамоянд.

Тадбирҳои пешниҳодшаванда маҷмӯи муносибатҳои анъанавӣ ва навро ифода мекунанд ва аз инҳо иборатанд:

- ташкил ва иҷрои корҳои тадқиқотӣ оид ба ривоҷи иқтидорҳои содиротӣ, таъмини рушди тиҷорат дар асоси муайян кардани бартариҳои нисбии иқтисодиёти вилоят;
- харидории таҷҳизот барои инкишофи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва ивазкунандаи воридот, вогузор намудани қарзҳо ба соҳаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти содиротӣ дорои сикли пурраи истеҳсолӣ.

### 3.9. Рушди туризм

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо сарватҳои бебаҳои табиӣ ва таърихию фарҳангӣ, табиати нотакрор ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи худ, диққати ҷаҳониёнро ба худ ҷалб менамояд. Аз ин рӯ дар сатҳи вилоят қабул шудани Барномаи рушди соҳаи туризм талаби рӯз аст.

Барномаи рушди туризм дар вилоят бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», Ҳуҷҷати стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дар асоси «Барномаи Давлатии рушди туризм дар Тоҷикистон барои солҳои 2004-2009» таҳия гаштааст.

Татбиқи ин Барнома самтҳои муҳимтарини рушди соҳаи туризмро ҳамчун бахши афзалиятноки иқтисоди вилоят муайян мекунад.

Татбиқи Барномаи рушди туризм дар вилоят, соҳаҳои марбута ва ёрирасони туризм, мисли нақлиёту алоқа, хизматрасонӣ, сохтмон, суғурта ва ғайраҳо фаъол намуда, ҷойҳои кор ва даромадҳои иловагии аҳолиро таъмин менамояд.

Вале дар айни замон як қатор омилҳои объективӣ мавҷуданд, ки ба барқароршавӣ ва рушди соҳаи туризм монеъ мешаванд. Инҳо пеш аз ҳама норасоии мутахассисони баландихтисоси соҳа ва менеҷменти заиф дар соҳаҳои дахлдори туризм, фарсудашавии фондҳои асосӣ дар иншооти инфрасохтори туристӣ, заифии корҳои рекламавӣ, чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар ва вуҷуд надоштани муқаррароти муайяни танзими ин соҳа мебошанд.

Дар вилоят аз тарафи мутахассисони идораи туризм 22 хатҳои сайри автомобилӣ ва пиёдагардии туристӣ кашф ва таҳия шудаанд.

Қонунҳои мавҷуда доир ба минтақаҳои сарҳадӣ, яке аз монеаҳои ҷиддии инкишофи туризми хориҷӣ мебошанд. Тартиб додани рухсатномаҳо ба туристони хориҷӣ барои дохил шудан ба ҳудуди вилоят ва бе қайдгирии онҳо, яке аз чунин соддатар намудани роҳи инкишофи туризм дар вилоят мебошад.

Захираҳои табиию фароғатии вилоят, мавҷудиёти ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, фарқиятҳои этникӣ, расму оинҳои хоси мардуми вилоят, чашмаҳои шифобахш, қуллаҳои аз 7000 метр боло, дарёҳои кӯҳӣ ва гиёҳҳои нодир ва солҳои охир аз изолятсияи ҷуғрофӣ раҳоӣ ёфтани он имконият медиҳад, ки дар вилоят навъҳои зерини туризм ривоҷ дода шаванд:

- кӯҳнавардӣ, туризми пиёдагардии кӯҳию варзишӣ;
- туризми автомобилӣ;
- туризми экологӣ;
- дарёнавардӣ (рафтинг), парапланеризм, лижаронии кӯҳӣ;
- туризми таърихию маърифатӣ ва этникӣ;
- туризми дохилӣ, табобатӣ ва истироҳатӣ;
- шикори байналмиллалӣ;
- туризми тиҷоратӣ.

## 3.10. Ҳифзи муҳити зист

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов дар сессияи 55-уми Созмони Миллали Муттаҳид оид ба муҳофизати захираҳои об ва баланд бардоштани маълумоти экологӣ шаҳодати дарки вазъи имрӯзаи экологӣ буда, моро водор месозад, ки нисбат ба табиат муносибати эҳтиромона карданро хуб омӯзем .

Азбаски устувориву фаъолияти биосфера чун экосистемаи глобалӣ ба қонунҳои экологии таъмини мувозинати моддаву энергия асос ёфтаанд, танҳо кӯшиши гурӯҳи алоҳидаи мутахассисон ё риояи меъёрҳои экологӣ дар минтақаҳои алоҳида ба натиҷаи матлуб оварда наметавонад. Асоснок намудани шаклҳои оқилонаи муносибатҳои табиату ҷомеа масъалаи муҳими ин давра мебошад.

Ҳар сол барои корҳои хифзи муҳити атроф аз буҷети давлатӣ зиёда аз 3-5 млн. сомонӣ, аз ҷумла барои корҳои илмию тадқиқотӣ 20-30 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо карда мешавад.

## Ифлосшавии атмосфера

Яке аз ногувориҳои глобалии имрӯза вазъи номусоиди атмосфера мебошад. Ҳамагуна гарду чанг, газҳо, хокистару дажғол (шлак)-и саноативу рӯзғор, партовҳои радиоактивӣ ва ғайра ифлоскунандаҳои моддианд, ки дар навбати худ механикӣ ( гарду чанги фулузот, оҳансову аррамайда), кимиёвӣ (ишқору эмульсия, газҳои карбону сулфид ва гайра), биологӣ ( бактерия, вирусҳо, обсабзҳо) мешаванд.

Дар вилояти Бадахшон ифлоскунандаи атмосфераи ҳаво асосан аз ҳисоби нақлиёти автомобилӣ мебошад. Онҳо қариб 70 фоизи моддаҳои зараркунандаро ба атмосфера мепартоянд.

Динамикаи партовҳои зараркунанда дар ҷадвали зерин нишон дода шудааст.

| № | Номгӯй | вохиди ченак | соли 2005 баҳо-диҳӣ | соли 2006 баҳои лоиҳа | соли 2007 баҳои лоиҳа | соли 2008 баҳои лоиҳа |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми умумии моддаҳои ифлоскунандаи ба атмосфера ба воситаи статсионарӣ партофта шуда | ҳазор тонна | 0,153 | 0,154 | 0,156 | 0,158 |
| 2. | Ҳаҷми умумии моддаҳои ифлоскунандаи ба атмосфера ба воситаи манбаҳои аракаткунанда партофта шуда | ҳазор тонна | 0,20 | 0,21 | 0,26 | 0,28 |

Ба ҳисоби миёна дар як сол моддаҳои ифлоскунандаи атмосфера ($CO_2$, бензопирен, моддаҳои озонвайронкунанда) зиёда аз 2 тонна партофта мешавад, ки ба саломатии аҳолии вилоят таъсири манфӣ мерасонад.

Манбаи пайдоиши партовҳо гуногун буда, ба равиши истеҳсоли саноатӣ ва шумораи аҳолӣ зич алоқаманд мебошад. Партовҳои сатҳи маишӣ аз ҳамаи намуди хоҷагидорӣ пайдо мешавад.

Аз ин рӯ яке аз масъалаҳои ҳалталаби рӯз ин масъалаи муносибат бо партовҳо мебошад.

Дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 8 адад партовгоҳ ба ҳисоб гирифта шудааст, ки ба ҳисоби миёна ҳар сол 270-350 ҳазор тонна партовҳо бароварда мешаванд. Ҳолати партовгоҳҳо бошад ба талаботҳои санитарию экологӣ ҷавобгӯй нестанд. Яъне дар бисёре аз ин

партовгоҳҳо шиносномаҳои техникии нигоҳубини шабонарӯзӣ, барқ, алоқа, таъмини об, чоҳҳои назоратӣ мавҷуд набуда атрофашон маҳкам карда нашудаанд, ва ҳатто безараргардонии партовҳо гузаронида нашуда, партовҳо бе банавъҷудокунӣ ҷойгир карда мешаванд ва аз экспертизаи давлатӣ нагузаштаанд.

Дар аксарияти ноҳияҳои вилоят партовҳои ғайрирасмӣ ҷойгир карда шудаанд, вале дар ноҳияҳои Рошткалъа ва Шуғнон умуман партовгоҳҳои расмӣ вуҷуд надоранд. Партовҳо ба чуқурӣ ва дарёҳо партофта мешаванд, ки боиси ифлосшавии манбаъҳои об ва паҳншавии касалиҳои сирояткунанда мегардад. Барои беҳбудии ҳолати партовгоҳҳо ва мухити зисти вилоят пеш аз ҳама бояд:

- ҳуҷҷатҳои партовгоҳҳо ба расмият дароварда шавад;
- идораҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ ҳаматарафа бо таҷҳизот таъмин карда шавад;
- ҳолати партовгоҳҳои безараргардонии заҳркимиёҳои н.Вахш аз тарафи идораи дахлдор ба расмият дароварда шавад;
- ҳамаи партовгоҳҳо аз экспертизаи давлатии экологӣ гузаронида шаванд;
-дар деҳот, маҳал ва ҷамоатҳо партовгоҳҳои расмӣ ташкил карда шавад.

**Ҳолати заминҳои вилоят**

Майдони умумии замини вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 6407529 гектарро ташкил медиҳад, аз ҷумла обӣ –18453 га, заминҳои корам –10763 га, аз он обӣ 10038 га, ниҳолҳои бисёрсола 1793 га, чарогоҳҳо – 757427 га, заминҳои кишоварзӣ 783027 га аз ҷумла обӣ 17608 га.

Заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берун монда 871 га, аз ҷумла обӣ 828 га.

Азхудкунии заминҳо, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии он яке аз муҳимтарин проблемаи рӯзмарраи соҳаи агросаноатии вилоят буда, на танҳо барои зиёд намудани истеҳсоли махсулоти кишоварзӣ ва зиёд шудани ҷои кор барои аҳолии ин минтақа мусоидат менамояд, балки масъалҳои иҷтимоии дар ин самт буда низ ҳалли худро меёбад.

Дар оянда то давраи соли 2015 дар як қатор ноҳияҳои вилоят ба мисоли Ванҷ (3030га), Дарвоз (495га), Рушон (610га), Ишқошим (400га), Шуғнон (284га), Роштқалъа (400га) ва Мурғоб (500га) ҳамагӣ 10219 гектар азхудкунии заминҳо пешбинӣ шудааст.

Кормандони соҳаи обтаъминкунии вилоят низ дар назди худ вазифа гузоштанд, ки барои фаъолияти хуби системаи обёрикунанда ҳамаи кӯшишу ғайрати худро равона созанд.

Тибқи Консепсияи истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои охир оиди таъмин намудани аҳолии деҳот бо оби тозаи нӯшокӣ дар аксарияти маҳаллаҳои аҳолинишин хатҳои обгузар, каналу ҷӯйборҳо сохта шуда, ҳолати мелиоративии заминоҳи обёришаванда беҳтар гардид.

Тибқи Барномаи экологии вилоят то соли 2010 дар ноҳияи Рушон ва Ишқошим шабакаҳои обёрӣ ва захбуру заҳкашҳо реабилитатсия карда мешаванд, ки ба он зиёда аз 700 ҳазор сомонӣ маблағ пешбинӣ карда шудааст.

Дар қаламрави вилоят заминҳои корами обӣ ва бекор кам истифода бурда мешаванд. Дар бисёр ноҳияҳо ҳолати мелиоративии заминҳо ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нестанд.

Ба танзим даровардани заминҳои фонди давлатии ҷангал, ки солҳои пеш ба корхонаҳои кишоварзӣ вобаста карда шуда буд, ба нақша гирифта то охири соли 2007 ҷамъбаст карда мешавад.

То соли 2015 дар ноҳияҳои вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон беҳтар намудани ҳолати мелиоративии зиёда аз 700 гектар заминҳои ғайриқаноатбахш ба нақша гирифта шудааст, ки барои ин корҳо ба ҳаҷми 560 ҳазор сомонӣ маблағ лозим аст.

Аз ин лиҳоз барои пурра, оқилона ва самаранок истифода бурдани заминҳои корам ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии онҳо ба Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани чунин чорабиниҳоро зарур аст:

- ташкили системаи самаранок амалкунандаи мониторинги истифодаи замин ва истифодаи об;
- ташкили хадамоти худмаблағгузорӣ оид ба татбиқи усулҳои пешқадами истифодаи замин ва истифодабарии об;
- дар давраи оянда анҷом додани бетонкунии магистрали ирригатсиони каналҳо;
- гузариши батадриҷ ба истифодаи усулҳои пешқадами обёрӣ (қубурӣ, боронӣ, қатрагӣ), бо мақсади қатъ намудани равандҳои эрозияи замин аз об ва кам кардани андозаи истифодабарии об;
- ба таври дақиқ риоя намудани технология ва усулҳои агротехникӣ ҳангоми истифода бурдани замин ва об дар давраи иҷрои корҳои кишоварзӣ.

То давраи соли 2015 дар вилоят 958 га заминҳои нав азхуд карда мешавад, ки ба он 4644 ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад.

**Ҷангалзорҳо**

Ҷангал – ин маҳсулоти табиат буда, қисми асосии он, муҳити табиат, қисми ҷудонашавандаи фазои биологӣ мебошад. Самаранок истифода бурдани захираҳои ҷангал омили асосии рушди устувори мамлакат ба шумор меравад.

Сабаби сиракӣ будани ҷангалзорҳо ин буридани дарахтҳо барои сӯзишворӣ, чаронидани ҳайвонот, аз худ кардани нишебии кӯҳсорҳо, кам шудани сармоягузорӣ барои корҳои барқарорсозии ҷангалзорҳо мебошад.

Буридани дарахтон дар нишебии кӯҳсор ба он оварда мерасонад, ки оби борон заминро шуста, аввал ба обхезӣ меорад ва баъд аз он хушкиро меорад. Тарзи дуру дароз истифода бурдани замин, яъне истифодаи

зиёда аз 70 фоизи заминҳои захираи давлатии ҷангал дар сифати чарогоҳ, ҳолат ва сохти заминро бад кардааст.

Аз соли 2005 то соли 2015 дар вилояти бунёд ва баркарорсозии плантатсияҳои чормағз, хуч ва ангат дар масоҳати 1300 га, аз ҷумла ҳар сол 5 га чормағз , 5 га хуч ва 120 га ангат ба нақша гирифта шудааст, ки маблағи умумии он 792270 сомониро ташкил менамояд. Маблағгузории корҳои зерин қисман аз ҳисоби маблагҳои дар Барномаи экологӣ пешбиникардашуда ва боқимонда аз ҳисоби созмонҳои байналмиллалӣ амалӣ мегардад.

| | Воҳиди ченак | ҳамагӣ | чормағз | ангат | Маблағ аз ҳисоби маблағҳои пешбинӣ шуда ва ҷалби созмонҳои байналмиллалӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Дарвоз | Га | 70 | 20 | 50 | 11289 |
| Ванҷ | -«- | 240 | 190 | 50 | 145920 |
| Рушон | -«- | 260 | 250 | 10 | 158080 |
| Шуғнон | -«- | 210 | 200 | 10 | 127680 |
| Ишқошим | -«- | 250 | 240 | 10 | 152000 |
| Мурғоб | -«- | 20 | - | 20 | 12160 |
| Рошткалъа | -«- | 250 | 240 | 10 | 152000 |
| Ҳамагӣ | Га | 1300 | 1140 | 160 | 792270 |

То давраи соли 2015 дар вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон оиди бунёди плантатсияҳои дарахтони сафедор ва ар-ар дар масоҳати 350 га бо мақсади истеҳсоли чӯби сохтмонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дар давоми ин солҳо ҳар сол дар 55 га корҳои ниҳолшинонӣ гузаронида мешавад. Барқарорсозии плантатсияҳо дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

| Ноҳияҳои вилоят | Воҳиди ченак | Масоҳат | Маблағ |
|---|---|---|---|
| Ванҷ | га | 100 | 15070 |
| Дарвоз | -«- | 50 | 13700 |
| Рушон | -«- | 100 | 15070 |
| Шуғнон | -«- | 100 | 15070 |
| Рошткалъа | -«- | 100 | 15070 |
| Ишқошим | -«- | 100 | 15070 |
| Ҳамагӣ дар вилоят | -«- | 550 | 1189050 |

Маблағҳо барои амалӣ гардонидани Барнома аз ҳисоби ҷалби созмонҳои байналмиллалӣ ва маблағҳои дар Барномаи экологӣ пешбинишуда дар назар дошта шудааст.

**Ҳудудҳои табиӣ махсус муҳофизатшаванда**

Баробари ба таназзул дучор шудани муҳити табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти ташкил намудани мамнӯъгоҳҳои табиӣ ва парваришгоҳҳои табиӣ ба миён омад.

Айни замон дар қаламрави вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Боғи Миллӣ ва мамнӯъгоҳи табиии «Зоркул» фаъолият менамояд.

Боғи Миллӣ 20 июли соли 1992 ташкил ёфта, масоҳаташ он 2.6 млн.гектарро ишғол менамояд, ки он 18 фоизи масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар ҳудуди Боғи Миллӣ зиёда аз 2000 намуди набототи нодир ва ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда мавҷуд мебошад. Дар дараи Дарвоз ва қаторкӯҳҳо дарахтони чӯбӣ (бед, сафедор, анҷибар ва арча) мерӯянд.

Аз олами ҳайвонот дар Боғи Миллӣ бузи пармашох, хирси малла, гурги сурх, бабр, силовсин, саги обӣ, қоқум, рӯбоҳ, архари помирӣ ва дигар намудҳо зиндагӣ мекунанд. Аз хазандагон сагмор, гурза, мори обӣ, намудҳои гуногуни калтакалосҳо, аз паррандагон - кабк, лайлаки сиёҳ, уқоб, балобан, бородач дучор мешаванд.

Солҳои дароз зебогии Помир барои иттиҳоди ҷаҳонӣ нораво буд. Ташкили Боғи Миллӣ рушди соҳаи туризм ва истифодаи имкониятҳои дамгирии табиии боғро пешбинӣ менамояд.

### 3.11. Рушди соҳибкории хурд ва ҷараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ

Хусусигардонии моликияти давлатӣ элементи аввалиндараҷаи дигаргунсозиҳои давраи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ буда, барои расидан ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва ҳамдастии онҳо дар мӯътадилсозии молиявӣ, бо ҷойҳои нави корӣ таъмин намудани аҳолӣ ва афзун кардани бозори истеъмолӣ равона шудааст.

Аз соли 2000 то соли 2005 дар ВМКБ 17 иншооти моликияти давлатӣ аз ҷумла, 10 корхонаҳои хурд ва 7 корхонаҳои миёнаю калон хусусӣ гардонида шудаанд.

Дар айни замон ҷараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ дар вилоят тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2003 таҳти №486 «Дар бораи Нақшаи стратегии хусусигардонии корхонаҳои миёнаю калон ва реструктуризатсияи субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои махсусан калон барои солҳои 2003-2007» амалӣ шуда истодааст.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи омори ВМКБ то 1январи соли 2005 146 корхонаи хурди соҳибкорӣ ҳисобот пешниҳод намуданд, ки аз ин миқдор танҳо 40 корхонаи хурд фаъолият карда, 106 корхонаи боқимонда умуман фаъолият накардаанд. Шумораи коргарон дар ин корхонаҳои фаъолиятдошта 295 нафарро ташкил мекунад. Маблағи умумӣ аз фурӯши маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) ин корхонаҳо 1,6 млн. сомониро ташкил дод. Дар нӯҳ моҳи соли 2005 52 адад корхонаҳои соҳибкории хурд фаъолият намуданд. Ҳаҷми умумӣ аз фурӯши маҳсулоти ин корхонаҳо 2,2 млн. сомониро ташкил намуд.

Бояд қайд намуд, ки шумораи ин гуна корхонаҳои амалкунанда дар солҳои 2000 55 адад, соли 2003 39 адад ва соли 2004 40 ададро ташкил намуданд. Маблағи умумӣ аз фурӯши маҳсулот соли 2000 519,5 ҳазор сомонӣ, соли 2003 1120 ҳазор сомонӣ ва соли 2004 1,6 млн. сомониро ташкил дода буд.

Натиҷаи таҳлили рушди соҳибкории хурд дар ВМКБ нишон медиҳад, ки гарчанде ҳаҷми умумии маблағи маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) сол аз сол зиёд шуда бошад ҳам, вале шумораи начандон зиёди корхонаҳо фаъолият карда тавонистанду халос.

Мувофиқи дурнамо шумораи корхонаҳои соҳибкории хурд дар солҳои 2005 ба 54 адад, соли 2010 ба 70 адад ва соли 2015 ба 95 адад расонида шуда, маблағи умумӣ аз фурӯши маҳсулот дар ин корхонаҳо бояд дар соли 2005 - 2,4 млн. сомонӣ, соли 2010 - 4,6 млн. сомонӣ ва соли 2015 - 6,9 млн. сомониро ташкил намояд.

Шумораи соҳибкорони инфиродӣ мувофиқи маълумоти Кумитаи андози вилоят дар соли 2000 - 1018 нафар, соли 2003 - 1188 нафарро ташкил намуда, ин нишондиҳанда дар соли 2004 ба 1677 ва соли 2005 ба 2265 нафар баробар гардида, бояд дар соли 2010 ба 4895 нафар ва соли 2015 ба 7455 нафар баробар шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳисоботи оморӣ фаъолияти қисми зиёди корхонаҳо тамоман акс намеёбад ва аз ин рӯ нишондиҳандаҳои мақомоти омор аз кумитаи андози вилоят ба куллӣ фарқ мекунанд.

Вале ҷолиби қайд аст, ки дар баробари рушди корхонаҳои соҳибкории хурд тамоюли афзоиши шумораи соҳибкорони инфиродӣ мушоҳида мешавад. Солҳои охир қисми зиёди мол ба бозорҳои вилоят аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ ворид карда мешавад.

Бо вуҷуди тараққиёти соҳа камбудиҳо ба монанди зуд-зуд ивазшавии қонунҳо, нарасидани маблағи аввалия барои оғоз намудани фаъолияти соҳибкорӣ, зиёд будани мақомоти тафтишотӣ, ки барои рушди босуръати соҳа монеъ мегарданд, мавҷуданд.

Дар айни замон фаъолияти соҳибкорӣ ба талаботи замон ҷавобгӯ нест. Қисми зиёди соҳибкорон ба хариду фурӯш, қисми дигарашон ба хизматрасонӣ машғул буда, ба истеҳсолоти маҳсулоти дохилӣ диққати лозимӣ дода намешавад.

## 3.12. Рушди соҳаи иҷтимоӣ
## Илм, тайёр кардани кадрҳои илмию педагогӣ

Яке аз омилҳои муҳими тараққиёти бемайлони иқтисодию иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 ин рушди илму техника ва ҷорӣ кардани технологияи пешқадам мебошад, ки он ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии халқ ва пурмазмуну сабук гардидани меҳнати одамон мусоидат менамояд.

Шартҳои зарурии ба даст овардани ин ҳадафҳо чунинанд:

- эътирофи илм ба сифати омили асосии инкишофи қувваҳои истеҳсолкунандаи вилоят;
- ҳавасмандсозии фаъолияти инноватсионии корхонаҳое, ки технология ва истеҳсолоти илмталаби сарфакунандаи захираҳо, энергия ва меҳнатро истифода мекунанд;
- рушди иқтидори илмию техникии минтақа;
- ҷалби сармояи хориҷӣ барои рушди минбаъдаи илму техника, аз худ намудани технологияи навтарин ва намудҳои нави маҳсулот.

Бо назардошти вазъи воқеӣ ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят самтҳои зерини афзалиятноки рушди илмию техникии онро ҷудо кардан мумкин аст:

1) Дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ:

- таҳияи дурнамо, барнома, лоиҳа ва консепсияҳои миёнамӯҳлату дарозмуддати ноҳияҳо;
- тайёр кардани консепсияи илмии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва индексатсияи даромадҳои дар давраи гузариш истифодашаванда.

2) Дар соҳаи комплекси агросаноатӣ:

- азхудкунии заминҳои бекорхобидаи доманакӯҳҳо;
- дар пояи саноатӣ қарор додани соҳаи кишоварзӣ;
- селексияи навъҳои серҳосилу мутобиқи зироатҳои кишоварзӣ бо истифодаи усулҳои пешқадами генетикию тухмипарварӣ;
-истифодаи усулҳои муҳандисии генӣ ва биотехнологӣ дар кишоварзӣ;
- пешгирии бемориҳои махсусан хавфноки чорво дар асоси омӯзиши этнология, таҳияи усулҳои пешгирӣ ва табобат бо истифодаи доруҳои нав;
- гузариш ба истифодаи технологияҳои аз нигоҳи экологӣ безарари сарфакунандаи захираҳо, истифодаи васеи усулҳои биологӣ ва мубориза бо ҳашароти зараровари кишоварзӣ ва бемориҳо;
- таҷдид ва рушди саноати коркард, озуқа ва сабук бо мақсади истифодаи ҳаматарафаи ашёи хоми кишоварзӣ, кам кардани воридоту афзоиши содироти маҳсулоти тайёр.

3) Дар соҳаи комплекси сӯзишворию энергетикӣ:

- дарёфти роҳҳои беҳтари сарфаи энергия дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёти вилоят;
- тадқиқи илмии роҳҳои минбаъд баланд бардоштани коэффисиенти кори фоиданоки дастгоҳҳои мавҷудаи гармидиҳанда ва энергетикӣ;
- афзалият додан ба имкониятҳои техникии истифодаи захираҳои ғайрианъанавии энергетикӣ (қувваи офтоб, шамол, нерӯи дарёҳои хурд, сарчашмаҳои зеризаминӣ ва сӯзишвории биологӣ).

4) Дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи муҳити зист:

- муайян кардани роҳҳои фаъол кардани пешгирии касалиҳои хавфноки сироятӣ, махсусан гепатит, домана, гулӯзиндонак, вараҷа, сил ва бемориҳои бо роҳҳои алоқаи ҷинсӣ гузаранда;

- вусъати таҳияҳо дар соҳаи пешгирию табобати бемориҳои дилу рагҳои хунгузар, эндокринӣ (касалии қанду камйодӣ), онкологӣ, гастроэнтрологӣ ва бемориҳои касбӣ;

- тайёр кардани доруҳои нави таъсирбахш дар заминаи ашёи маҳаллӣ;

- омӯзиши муҳити зист, таҳияи чорабиниҳои ҳифзи табиат ва барқарорсозии он.

5) Дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва идора:

- истифодаи низоми иттилоотӣ барои намунасозӣ ва идора дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва экология;

- таҳия ва истифодаи низомҳои таҷрибавии иттилоотӣ барои баҳогузории нишондиҳандаҳои сифатии иқтисодӣ, ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва технологӣ.

Ҳалли самараноки масъалаҳои ҷойдошта дар соҳаи илм, мустаҳкам кардани заминаи моддию техникии марказҳои илмию тадқиқотӣ ва пурзӯр намудани дастгирии давлатии илмро пешбинӣ менамоянд.

Дар ҳалли ин масъалаҳо дар баробари муассисаҳои тадқиқотӣ-илмии ҷумҳурӣ Институти илмӣ-тадқиқотии Помир, Маркази илмӣ-тадқиқотии Помир, Донишгоҳи давлатии Хоруғ саҳм мегузорад.

Ҳаҷми умумии маблағгузории ин муассисаҳо барои соли 2005 - 300463 сомонӣ, соли 2010 - 621589 сомонӣ ва соли 2015 –1309667 сомониро ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ дар соли 2015 нисбат ба соли 2000 - 4,5 маротиба зиёд мешавад.

Шумораи кормандон дар соли 2005 - 181 нафар, соли 2010 - 196 нафар ва 2015 - 210 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2000 - 109,3 фоизро ташкил медиҳад.

Бо назардошти эҳтиёҷоти вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба кадрҳои баландихтисос қабул ба аспирантура дар соли 2005 -10 нафар, хатм – 9 нафар, соли 2010 қабул – 20 нафар, хатм – 14 нафар, соли 2015 қабул – 30 нафар, хатм – 18 нафарро бояд ташкил диҳад.

Татбиқи ин тадбирҳо имконият фароҳам меоварад, ки иқтидори кадрӣ ва илмию техникӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят истифода бурда шавад.

## Тайёр намудани кадрҳо

Тайёр намудани кадрҳо яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати стратегии давлат буда, ҳарчи бештар қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ба мутахассисони таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, такмил ва ислоҳи низоми он, ворид шудан ба фазои ягонаи меъёрҳои байналмиллалии таълимӣ мақсади асосии он мебошад.

Барои бомуваффақият ҳал намудани ин масъалаҳои стратегӣ дар вилоят то солҳои 2015 иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- танзим ва такмили сохтори мактабҳои олӣ, миёна ва ибтидоии касбии дар минтақа буда;

- фароҳам овардани шароит барои ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсили байналмилалӣ;

-ҷалб намудани инвеститсияҳои хориҷӣ барои тайёр намудани кадрҳои ба талаботҳои иқтисодиёти бозоргонӣ ҷавобгӯ;

-дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ба роҳ мондани маблағгузории устувори соҳа;

-назорат аз болои раванди мақсаднок тайёр намудани мутахассисон ва истифодаи бомароми онҳо;

-кам кардани шумораи қабули донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои кӯҳнашуда ва ба ҷои онҳо ҷорӣ намудани ихтисосҳои нав, ки ба талаботи иқтисодиёти бозоргонӣ ҷавобгӯ мебошанд;

-тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ аз рӯи ихтисосҳои ҳамгироӣ;

-ба роҳ мондани хизматрасонии пулакии раванди таълим;

-бо дарназардошти талаботи воқеии иқтисодиёти миллии вилоят тайёр намудани мутахассисон.

Дар ҳалли ин масъалаҳо Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, омӯзишгоҳи тиббӣ ва 1 омӯзишгоҳи касбҳои техникӣ саҳм мегузоранд.

Тибқи маълумоти дастрасшуда талаботи вилоят ба кадрҳои дорои таҳсилоти олӣ барои солҳои 2006-2010 ба ҳисоби миёна аз рӯи ихтисосҳои омӯзгорӣ – 700 нафар, тиббӣ - 250 нафар, санъату фарҳанг - 100 нафар, кишоварзӣ - 20 нафар, иқтисодӣ - 15 нафар, энергетика - 5 нафар, сохтмон - 5 нафар ва геология – 5 нафариро ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти талаботи иқтисодиёти вилоят Вазорати иқтисод ва савдо нақшаи қабули Донишгоҳи давлатии Хоруғро аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2006 ба миқдори 350 нафар, дар соли 2007 - 375 нафар, дар соли 2008 - 400 нафар, дар соли 2009 - 400 нафар ва дар соли 2010 - 450 нафар пешбинӣ намудааст, ки ин назар ба соли 2000 - 115 нафар, ё ин ки 134,8 фоиз зиёд мебошад. Соли 2015 нақшаи қабул аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба миқдори 575 нафар дар назар аст, ки назар ба соли 2010 - 127,7 фоиз ва соли 2000 - 171,6 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон бо мақсади тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии ба талаботи иқтисодиёти бозоргонӣ ҷавобгӯ дар заминаи муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи касбии вилоят кушодани ихтисосҳои нав дар мадди назар мебошад.

Талаботи вилоят ба мутахассисони дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли 2006- 166 нафар, солҳои 2007-2008 160 нафарӣ, соли 2009- 157 нафар ва соли 2010 -161 нафарро ташкил медиҳад. Инҳо асосан аз рӯи ихтисосҳои соҳаи фарҳанг, иқтисодиёт ва тандурустӣ мебошанд.

Шумораи қабули донишҷӯёни дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар соли 2010 - 110 нафар, ки нисбат ба соли 2005 - 22,2 фоиз зиёд аст ва дар соли 2015- 125 нафар дар назар аст, ки он нисбат ба солҳои 2010 ва 2000 мутаносибан 113,6 фоиз ва 138,8% фоизро ташкил медиҳад.

Дар ҳамин давра шумораи умумӣ мутаносибан 108,3 фоиз нисбат ба соли 2010 ва 130,0 фоиз нисбат ба соли 2000 ташкил медиҳад ва шумораи хатмкунандагони он нисбат ба солҳои 2010 ба 114,2 ва 2000 ба 141, 1 фоиз баробар мешавад.

Дар вилоят тайёр намудани 260 нафар коргарони соҳибихтисос дар соли 2010 ва 285 нафар дар соли 2015 пешбинӣ мешавад, ки он нисбат ба соли 2005 - 108,3 фоиз ва дар соли 2015 нисбат ба солҳои 2010 - 109,6 фоиз ва соли 2000 - 110,4 фоизро ташкил медиҳад.

**Маориф**

Бо дарназардошти талаботи Матритсаи сиёсати Ҳукумат оид ба Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов аз 22 декабри соли 2005, ки дар маҷлиси машваратӣ доир ба вазъи соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, вазифаҳои зерин самти стратегии рушди низоми соҳаи маорифи вилояро то давраи соли 2015 ташкил медиҳад:

-нигоҳ доштани фазои ягонаи таълимотӣ, таъмини бечуну чарои ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони вилоят, алалхусус духтарону фарзандони оилаҳои камбизоат ва кӯдакони саломатиашон хуб набуда дар ҷодаи таҳсилот;

-бо дарназардошти анъанаҳои таърихию фарҳангӣ тақвият бахшидан ба тарбияи ахлоқию ватандӯстии ҷавонон ва худогоҳии миллӣ;

-дастгирӣ ва тақвияти рушди шабакаҳои муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ;

-рушди ҷараёни компютерикунонӣ ва информатиконии раванди таълим, таъмин намудани муассисаҳои таълими умумӣ бо адабиёти таълимию методӣ ва лабораторияҳои озмоишӣ;

-ислоҳоти низоми тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимоти умумӣ;

-таҳияи чорабиниҳои аввалиндараҷа оид ба барқарорсозӣ ва таъмири асосии биноҳои мактабҳои деҳот;

-баланд бардоштани нуфузи маълумот тавассути истифодаи воситаҳои муосири техникию технологии таълим ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти самаранок ва рақобати солим дар байни мактабҳои таҳсилоти умумии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

-ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронидани дигар муассисаҳои таълими умумии вилоят;

-баланд бардоштани саҳми ҳукуматҳои маҳаллӣ дар ҳалли масъалаҳои маориф, дастгирии молиявию моддӣ, маишию манзилии онҳо;

-ташкили самараноки истироҳати тобистона ва солимгардонии кӯдакону наврасон дар истироҳатгоҳу фароғатгоҳҳо;

-дар заминаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои берун аз мактабие, ки ошхонаҳои ҷавобгӯи талаботи беҳдоштию вогирӣ доранд, барои кӯдакону наврасон ташкил намудани истироҳатгоҳҳои рӯзонаи солимгардонӣ;

-таҳияи чорабиниҳо доир ба ташкил ва рушди мактаб-интернатҳо барои кӯдакони маъюб ва ятиму бепарастор.

Ҳалли масъалаҳои мазкур омили асосии ободии ҷомеа мебошад, зеро танҳо маълумоту дониши кофӣ арзишҳои волои ҷамъиятро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта, ғановату рушди онро кафолат дода метавонад.

Таълими томактабӣ ва миёна барои дар бачагон ташаккул додани муҳаббат ба ватан, гирифтани дониши ҳаматарафаю амиқ оид ба таъриху фарҳанги халқи худ ва арзишҳои умумиҷаҳонӣ бо дарназардошти дастовардҳои навини техникию технология, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои маълумот, ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздик кардани онҳо нигаронида мешавад.

Зикр кардан зарур аст, ки бо мақсади иҷрои нақшаи давраи якум ва дуюми татбиқи Матритсаи сиёсати Ҳукумат оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004, № 291 «Нақшаи татбиқиислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009» қабул карда шудааст, ки он ислоҳоти тартиби маблағгузории соҳаю идоракунӣ, ба талаботи рӯз мувофиқ гардонидани мазмуну мундариҷаҳои нақшаю барномаҳои таълим, сиёсат ва стратегияи онро дар бар мегирад.

Бо мақсади такмил додани тартиби идора ва маблағгузории муассисаҳои таълимии умумии ҷумҳурӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2004, № 441 «Дар бораи ба шаклҳои нави идора ва маблағгузорӣ гузаронидани муассисаҳои таълими умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, шаҳри Хӯҷанди вилояти Суғд, шаҳри Хоруғи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳри Ваҳдат» қабул карда шуд, ки мувофиқи он аз 1 январи соли 2005 ба тариқи озмоиш муассисаҳои таълимии шаҳри Хоруғ ба шакли нави маблағгузорӣ (аз рӯи меъёрӣ хароҷот ба ҳар як хонанда) гузаронида шуда, маблағгузории муассисаҳои таълими умумии шаҳру ноҳияҳои мазкур аз рӯи хароҷотномаи алоҳидаи тасдиқшуда ва тавассути хазинаи шаҳрию ноҳиявӣ ба амал бароварда мешавад.

Ин икдом ба баланд шудани самара ва бомаром истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, ҳавасмандгардонии рақобати муассисаҳои таълимӣ, муҳайё намудани замина барои сарфаи маблағҳо ва тақсимоти оқилонаи онҳо мусоидат менамояд.

Афзоиши шумораи табии аҳолии вилоят, пешомади рушди соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва танзими оила дар давраи то соли 2015 меъёрҳои асосии барқарорсозӣ, бунёди шабакаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таълими умумӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили маводи мавҷуда ва раванди афзоиши табии аҳолӣ шаҳодат медиҳад, ки дар соли 2015 шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабии вилоят бештар аз 4.1 ҳазор

нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 2000 - 2.7 маротиба зиёд аст. Шумораи таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба 53.6 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2000 100.5 фоизро ташкил медиҳад .

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки дар соли 2004 бо таҳрири нав қабул карда шудааст, муассисаҳои таҳсилоти ғайридавлатӣ низ тадриҷан вусъат ёфта, дар онҳо 2.5 ҳазор нафар хонандагон ба таълим фаро гирифта мешаванд.

Дар соли 2015 - 9.1 ҳазор нафар омӯзгорон ба таълиму тарбия машғул мешаванд, ки ин нисбат ба соли 2000 - 38.7 фоиз зиёд аст.

Ин афзоиш дар соли 2015 аз ҳисоби ба истифода додани мактабҳои таҳсилоти умумӣ барои ____ ҳазор ҷой таъмин карда мешавад.

## Тандурустӣ

Ботадриҷ паст шудани вазъи сиҳатии аҳолӣ, нобаробарии одамон дар масъалаи истифода аз хизмати тиббӣ ва ҳифзи саломатӣ зарурати гузаронидани ислоҳотро дар соҳаи тандурустӣ ва ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ мувофиқ кардани сифати хизматрасонии тиббию санитарии вилоятро ба миён овард.

Бинобар ин бо дарназардошти талаботи Матритсаи сиёсати Ҳукумат оид ба Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар қаламрави вилоят дар давраи то соли 2015 самтҳои зерини рушди соҳаи тандурустӣ пешбинӣ карда мешавад:

-аз тарафи давлат таъмин намудани ҳаҷми кафолатноки хизматрасонии ройгони тиббӣ ба аҳолӣ, махсусан табақаҳои камбизоат;

-гузариш ба таҷрибаи маблағгузорӣ ба сари ҳар як нафар аҳолӣ бо дарназардошти коэффитсиентҳои махсуси сохторӣ, синну сол, ҷинс, таваллуд, марг, хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва маблағгузории беморхонаҳо аз рӯи принсипи табобати бемор ;

-ташкили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва шароитҳои ташкилию иқтисодӣ барои баланд бардоштани сифату самараи хизматрасонии тиббӣ;

-ба амал овардани ислоҳоти сохторӣ, ташкили бозори хизматрасонии тиббӣ ва ҳавасмандсозии рушди бахши ғайридавлатии тандурустӣ;

-баланд бардоштани самараи низоми идора ва истифодаи захираҳои давлатии молиявӣ, инчунин маблағҳои дар барномаҳои мақсаднок оид ба мубориза бар зидди бемории сил, гепатити B, тропикӣ, СПИД, касалии қанд, бемориҳои онкологӣ, инчунин барномаҳои дастгирии модару кӯдак пешбинишуда;

-инкишофи афзалиятнок ва баланд бардоштани сифати ёрии аввалияи тиббию санитарӣ, ки бо принсипҳои тибби оилавӣ асос ёфтааст;

-баланд бардоштани сифати кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ба занони синну соли қобили таваллуд, занони ҳомила ва атвол, ки ба чунин дастгирӣ эҳтиёҷ доранд;

-пешгирии сабабҳои асосии фавти кӯдакону модарон ва пурзӯр намудани чорабиниҳо оид ба татбиқи барномаҳои пешгирии камхунӣ, ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, бехатарии модар, солимии репродуктивӣ ва танзими оила;

-гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷавонон дар масъалаҳои солимии репродуктивӣ ва танзими оила;

-тайёр кардани доруҳои наву баландсифат дар заминаи ашёи маҳаллӣ;

-такмили сохтори харид, назорат аз болои сифат ва бақайдгирии доруворӣ;

-таблиғи тарзи ҳаёти солим ва паҳн намудани иттилоот дар бораи пешгирии бемориҳо, ғизои солиму қобили қабул ва бехатар тавассути воситаҳои ахбори умум ва кормандони тиб;

-ҷалб намудани маблағҳои ғайрибуҷавӣ (грант, кредит ва ғайра) барои рушди соҳа;

-таъмини дастрасии оби нӯшокии бехатар ба аҳолӣ аз ҳисоби манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ;

-рушди барномаҳои маърифатӣ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ;

-баланд бардоштани тахассуси захираҳои кадрии муассисаҳои тандурустӣ;

-истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда.

Дар доираи Барнома эҳтиёҷоти асосии аҳолӣ, махсусан табақаҳои камбизоат ба хизматрасонӣ дар доираи кӯмаки аввалияи санитарию тиббӣ бо роҳи пешниҳод намудани доираи васеи хизматрасониҳо дар соҳаи нигоҳдорӣ ва тақвияти саломатӣ, табобат ва барқарорсозии оқибатҳои беморӣ, инчунин бо дастгирию рушди фаъолияти шахсони алоҳида, оилаҳо ва гурӯҳи одамон оид ба худхизматрасонӣ қонеъ гардонида мешавад. Инчунин аз тарафи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби маблағҳои маҳаллӣ ва даромадҳое, ки илова ба маблағҳои муқарраргардида ба буҷети маҳаллӣ ворид мешаванд, ба муассисаҳои тандурустӣ расонидани ёрии амалӣ (таъмири биноҳо, дарёфти техникаи тиббӣ ва ғайра) ва қадр намудани меҳнати кормандони соҳаи тандурустӣ аз ҷиҳати маишию манзилӣ пешбинӣ карда мешавад.

Ҳамзамон фаъол гардидани хизматрасонии профилактикӣ пешбинӣ мешавад. Дар соли 2015 дараҷаи фарогирии бачаҳо бо эмкунӣ то 95-98 фоиз расонида мешавад. Эмкунии оммавии ҳарсолаи кӯдакон имконият медиҳад, ки то соли 2015 дар мамлакат вируси ангезонандаи полиомиелит, сурхакон, гепатит, гулӯзиндонак ва дигар бемориҳои сироятӣ аз байн бурда шавад. Ин натиҷаҳо дар асоси куллан беҳтар кардани сифат ва баланд бардоштани самараи хизматрасонии тиббӣ ба даст оварда мешаванд. Бо ин мақсад ҷорӣ кардани меъёрҳои давлатии сифати хизматрасонии тиббӣ ва таъмини минбаъдаи беҳбудии ташкили

хадамоти тиббию санитарӣ, пешгирию ташхисӣ, статсионарӣ ва тибби оилавӣ пешбинӣ мешавад.

Баланд бардоштани самараи чорабиниҳои пешгирии касалиҳо ва беҳбуди сифати хизматрасонии тиббӣ имконият медиҳанд, ки бемориҳои дилу рагҳои хунгузар, онкологӣ, касалиҳои гузаранда, сил, бемориҳои рагҳои хунгузар ва роҳи нафас камтар карда шавад.

Инчунин бо дарназардошти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз майи соли 2005, №171 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи маблағгузории соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005-2015» аз соли 2006 сар карда, дар марҳилаи аввал бо усули таҷрибавӣ ва минбаъд дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят татбиқи тартиби маблағгузории сарикасии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар доираи маблағҳои пешбинишуда ба назар гирифта мешавад.

Дар доираи ислоҳот то соли 2015 афзун намудани иқтидори муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ ва то 846 қабул дар як баст, ё ба 123.5 фоиз нисбат ба соли 2000 расонидани он дар назар дошта шудааст.

Дар соли 2015 то ба 190 адад, ё худ дар муқоиса ба соли 2000 ба 125.5 фоиз расонидани миқдори хонаҳои тиббӣ пешбинӣ мешавад.

Инчунин дар соли 2015 ба аҳолӣ 2.3 ҳазор нафар кормандони тибб, аз ҷумла 440 нафар духтурон хизмат мерасонанд, ки нисбат ба соли 2005 114.6 фоизро ташкил медиҳад.

Афзун намудани иқтидори беморхонаҳо ва муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ асосан аз ҳисоби марказҳои муташаккили мубориза бар зидди бемориҳои сил, бемориҳои тропикӣ ва ғайраҳо, азнав тақсимкунии маблағҳои барои ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ҷудошаванда, шаклҳои нави хизматрасонӣ, омодасозии тарбияи хоҳарони шафқати оилавӣ ва ба истифода додани беморхонаҳо барои ____ кат ва муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳии дорои ____ қабул дар як баст ба амал баровaрда мешавад.

## Шуғли аҳолӣ

Бо вуҷуди беҳтар гардидани вазъи бо кор таъмин намудани аҳолӣ, вазъи бозорӣ меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҳанӯз мураккаб аст. Сабаби асосии ба кори доимӣ ҷалб нагардидани бекорон ин паст будани музди меҳнат, малакаи касбии бекорон ва ба талаботи онҳо ҷавобгӯ набудани касбу корӣ пешниҳодшуда мебошад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №60 «Дар бораи тасдиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2007» қабул гардид, ки ба даст овардани мувозинат дар байни талабот ва пешниҳодоти қувваи корӣ, мусоидат намудан ба ташкили ҷойҳои кории иловагӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи шаклҳои гуногуни шуғл ва ғайра мақсади асосии он аст.

Бо дарназардошти ин яке аз вазифаҳои асосии сиёсати вилоят дар соҳаи шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум то давраи 2015 аз инҳо иборатанд:

- ба талаботи иқтисоди бозоргонӣ ва қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои зерқонунию меъёрӣ тадриҷан мутобиқ гардонидани фаъолияти сохторҳои худ;
- пурзӯр намудани ҳифзи воқеии ҳуқуқҳои асосии меҳнатию иҷтимоии аҳолӣ;
- барқарор сохтан ва таҷдиди куллии техникию технологӣ он соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки то имрӯз фаъолияташон қатъ гардидааст;
- бо роҳи бунёди корхонаҳои хурд оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ дар ноҳияҳое, ки захираҳои барзиёди меҳнатӣ доранд;
- ҷудо намудани қарзҳои хурд ба маъюбони қобили меҳнат ва нафақахӯрон барои машғул шудан ба соҳибкорӣ;
- рушди соҳаи кишоварзӣ, дар деҳот бунёд кардани корхонаҳои миёнаи коркарди ашёи хоми кишоварзӣ, ташкили шароит барои рушди кооператсияи ҳунармандӣ, меҳнати хонагӣ;
- дастгирии ташаббуси меҳнатии шаҳрвандон дар ҷодаи соҳибкорӣ, кӯмаки молиявӣ расонидан ба меҳнати истеҳсолӣ ва эҷодӣ;
- мунтазам ташкил кардани ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ бо иштироки намояндагони ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, новобаста аз шакли моликият;
- беҳтар намудани фаъолияти хадамоти шуғл ва таъминоти молиявии онҳо;
- муқаррар намудани квотаҳо барои корхонаҳо дар ҷодаи ба кор қабул намудани шаҳрвандоне, ки дар бозори меҳнат қобилияти рақобати озодро надоранд;
- ташкил ва рушди биржаҳои меҳнат ва марказҳои иҷтимоию меҳнатӣ барои бонувон;
- бо дарназардошти манфиатҳои аввалиндараҷаи иҷтимоию иқтисодии вилоят танзим кардани муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ;
- андешидани тадбирҳои зарурӣ оид ба афзун намудани воридоти асъорӣ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ва истифодаи қисме аз ин даромадҳо барои ташкили ҷойҳои нави корӣ;
- ташкил намудани дастгирии табақаҳои камбизоати аҳолӣ, рушди кӯмаки иҷтимоии мақсаднок;
- барқарорсозии хадамоти касбинтихобкунии мактаббачагон, интихобу ҷо ба ҷо гузории кадрҳо бо дарназардошти мувофиқати онҳо ба талаботи пешрафти илмию техникӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ.

Мақсади асосии Барномаи мазкур баланд бардоштани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои нисбатан нодори аҳолӣ мебошад, ки онро тавассути таъсиси ҷойҳои нави корӣ, новобаста аз шакли моликияташон (сарпарастон, сармоягузорони дохилию хориҷӣ, созмонҳои ғайри давлатӣ ва байналмиллалӣ), андешидани чораҳои зарурӣ оид ба

касбомӯзии корҷӯён, ташкили корҳои ҷамъиятии музднок, васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва меҳнатии аҳолӣ тавассути додани қарзҳои хурд (микрокредит) ба даст овардан мумкин аст.

Ин тадбирҳо барои ба истеҳсолот ҷалб намудани захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани самараи истеҳсолот мусоидат хоҳад кард.

Бо дарназардошти татбиқ шудани тадбирҳои андешидашуда дар соли 2015 шумораи дар иқтисодиёти вилоят машғулбудагон ба 78.2 ҳазор нафар мерасанд.

Чунончи, дар соҳаи саноату сохтмон шуғли аҳолӣ ба 4.7 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2000 3.3 маротиба зиёд мешавад.

Ба ин афзоиш васеъшавии доираи фаъолияти корхонаҳои амалкунанда, гузаронидани чорабиниҳо оид ба таҷдиди техникӣ, аз нав кардани иқтидорҳои истеҳсолӣ бо ҷалби сармояҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо истифода аз қарзҳои имтиёзноки Бонкҳои тиҷоратии хизматрасонии Тоҷикистон, институтҳои молиявии байналмилалӣ ва инвеститсияҳои ватаниву хориҷӣ, тармиму таҷдиди корхонаи Помири шимолии коркарди сангҳои ороишии «Хрустал», сохта ба истифода додани корхонаҳои истеҳсоли молҳои ниёзи мардум аз сангҳои ранга ва ороишӣ дар заминаи конҳои «Кеврон» ва «Дуробак» дар ноҳияи Дарвоз, корхонаи коркарди сангҳои ранга ва қимматбаҳо дар заминаи кони Кӯҳи лаъл дар ноҳияи Ишкошим, тармиму таҷдиди корхонаи коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишии Лаъл дар шаҳраки Поршневи ноҳияи Шуғнон ва ғайра мусоидат мекунад.

Инчунин дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванч, Рушон, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим, Мурғоб ва ш. Хоруғ ташкил намудани меҳнати хонагӣ доир ба коркарди пашм, бофтани ҷӯробҳои пашмӣ, намад, чакманҳо ва ғайра ба назар гирифта шудааст, ки тавассути онҳо зиёда аз 1250 нафар, аз ҷумла 860 нафар занон бо кор таъмин карда мешаванд.

Дар соли 2015 - 28.4 ҳазор нафар, ё 36.3 фоизи шумораи дар иқтисодиёт машғули кор будагон дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд, ки нисбат ба соли 2000 - 132.7 фоизро ташкил медиҳад.

Ин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби рушди хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ, вусъати моликияти коллективӣ, азхудкунии заминҳои нав, васеъ кардани заминҳои обӣ, афзоиши саршумори чорвои маҳаллӣ ва ғайра ба даст меояд.

Афзудани шумораи кормандон дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ низ мушоҳида мешавад, ки он дар соли 2015 - 1.4 ҳазор нафар, ё нисбат ба соли 2000 - 3.5 маротиба зиёд мегардад.

Зиёдшавии шумораи кормандони ин соҳа асосан аз ҳисоби вусъати фаъолияти тиҷоратӣ, афзоиши ҳаҷми хизматрасонии маишию иҷтимоии марказҳои тиҷоратӣ ва хӯроки умумии бахши ғайридавлатӣ сурат мегирад.

Дар соли 2015 шумораи коркунони соҳаҳои алоқа ва нақлиёт 4.0 ҳазор нафар, ё нисбат ба соли 2000 - 137.9 фоизро ташкил медиҳад. Ин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби азнавсозии роҳҳо, ба стандартҳои

байналхалқӣ мутобиқ гардонидани онҳо, васеъ кардани шабакаҳои гуфтугӯи телефонӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ғайраҳо мебошад.

Аз он ҷумла дар соли 2015 аз ҳисоби сохтмони нав 610 нафар, таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда 400 нафар, барқароркунии иқтидори корхонаҳои аз кор баромада 230 нафар бо ҷои кор таъмин карда мешаванд.

Дар солҳои оянда ба корҳои ҷамъиятии музднок, аз қабили ободонӣ ва кабудизоркунӣ, обёрикунонӣ, ҷамъоварии алафҳои табобатӣ, барқарорсозии роҳҳо, кӯмак ба маъюбон ва бепарасторон ва ғайра равона карда шудани шаҳрвандон ва васеъ намудани фаъолияти биржаҳои меҳнатии занон, мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ, таъсиси қарздиҳии хурди имтиёзнок дар сохтори мақомоти шуғли аҳолӣ ба назар гирифта шудааст.

**Фарҳанг**

Барномаи мазкур бо дарназардошти самтҳои тараққиёти стратегии иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, ки он рушди муассисаҳои фарҳангӣ, нашри рӯзномаҳо, пахши барномаҳои телевизион ва радиошунавониро дар вилоят то соли 2015 пешбинӣ менамояд, тарҳрезӣ карда шудааст.

Вазифаи асосӣ дар ин самт пеш аз ҳама дар рӯҳи арзишҳои миллию умумибашарӣ тарбия кардани аҳолӣ ва дар ин поя ташаккул додани худогоҳии миллӣ мебошад, ки ин дар навбати худ васеъ ва мустаҳкам намудани пояи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ, ба қадри имкон бо технологияи нави ҳозиразамон ҷиҳозонидани матбааҳои вилоятию шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, дастгирӣ ва беҳбудӣ бахшидан ба соҳаи телевизион ва радиошунавониро тақазо мекунад.

Мувофиқи нишондодҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ пояи моддию техникии театри касбӣ, китобхонаҳои оммавӣ, муассисаҳои клубӣ ва мактабҳои мусиқии вилоят минбаъд ҳам мустаҳкам карда мешавад.

Дар соли 2015 нисбат ба соли 2000 шумораи муассисаҳои клубӣ 8,5 фоиз, китобхонаҳои оммавӣ 12,5 фоиз, театрҳои касби 2 маротиба, осорхонаҳо 6 маротиба, мактабҳои мусиқӣ 2 маротиба ва шумораи хонандагон бошад 2.8 маротиба меафзояд.

Мувофиқи нишондодҳои дурнамои рушди соҳаи полиграфӣ дар ин давра таъмир ва бо технологияи нав таҷҳизонидани матбааҳои ноҳиявию шаҳрӣ амалӣ шуда, шумораи умумии рӯзномаҳои интишоршаванда дар соли 2015 то 14 адад бо теъдоди умумии 500.0 ҳазор нусха расонида хоҳад шуд, ки он нисбат ба соли 2000 75 фоиз номгӯӣ ва теъдоди нашри умумии онҳо 4,6 маротиба меафзояд.

Оид ба ҳифзи мероси миллии таърихию фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихии мавҷудаи вилоят, омӯзишу тарғиб ва барқарорсозии онҳо тадбирҳои ҷиддӣ андешида хоҳад шуд. Дар ин муддат хазинаи осорхонаҳо боз ҳам ғанӣ гашта, дар китобхонаҳои оммавӣ миқдори зиёди адабиётҳои миллию ҷаҳонӣ ҷамъоварӣ мешавад.

Дар ин давра сохтмон ва барқароркунии як қатор иншоотҳо аз қабили: сохтмони клуб дар ноҳия Ванҷ, барқароркунии матбааи вилоятӣ дар ш. Хоруғ, сохтмони клуб дар ноҳия Ишкошим, барқарор намудани Қасри фарҳанг дар шаҳри Хоруғ ба нақша гирифта шудаанд.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии омма телевизион ва радиошудавонӣ нақши муҳим дорад. Рушди ин соҳаҳо то давраи соли 2015 дар асоси таҷдиди техникии заминаи мавҷудаи моддию техникӣ, таъмири иншоотҳои ин соҳа, афзоиши шумораи барномаҳо ва ҳаҷми онҳо, ташкили низомӣ бисёрбарномавии пахш, ки имконияти интихоби барномаҳои радиою телевизионро ба миён меорад, сурат мегирад.

Ҳаҷми пахши шабонарӯзии барномаҳои радиошунавонӣ то соли 2015 ба 170 соат ё нисбат ба соли 2000 - 24,8 фоиз зиёд шуда, барномаи давлатии радиои вилоятӣ дар ин давра ба 2 соат расонида мешавад.

Пахши шабонарӯзии намоишҳои телевизионӣ 40,5 соат ё нисбат ба соли 2000 - 3,1 маротиба афзуда, барномаҳои телевизиони давлатии вилоят бошад, ба 3,5 соат расонида мешавад, ки он нисбат ба соли 2000 3,5 фоиз зиёд аст.

**Натиҷаҳои татбиқи нишондиҳандаҳои**
**Барномаи рушди иқтисодии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**
**дар давраи то соли 2015**